*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 50 (12379)
15 декабри
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ

## Сабқати беҳтаринҳо




Чунонки дар шумораи гузаштаи нашрияамон (ниг. «Омӯзгор», №49, 08. 12. 2022) хабар дода будем, аз 5 -уми декабри соли ҷорӣ даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон шурӯъ гардид. Даври ниҳоии озмун аз рӯйи панҷ номина – адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ, адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосир, адабиёти ҷаҳон ва эҷоди назму наср идома ёфта, мувофиқи ҷадвали тасдиқгардида вобаста ба гурӯҳҳо иштирокдорони озмун ҳунару маҳорати хешро пешкаш менамоянд. Ҳафтаи гузашта бо мақсади огоҳӣ пайдо намудан аз ҷараёни даври мазкур мо низ ба макони баргузории озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» - Китобхонаи миллии Тоҷикистон роҳ пеш гирифтем.

Аз суҳбат бо **муовини аввали директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Салима Раҷабзода** маълум гардид, ки муассисаи мазкур ҳанӯз аз моҳи феврали соли ҷорӣ барои дар сатҳи баланд баргузор намудани даври ниҳоӣ тамоми шароити заруриро муҳайё кардааст. Аз ҷумла, бо ин мақсад шаш толори баргузории озмун бо гурӯҳи кории ҳар кадом иборат аз панҷнафарӣ дар ҳайати кормандони фаъоли китобхона бо мақсади роҳбаладӣ, ҷобаҷогузории иштирокдорон, падару модарон, ҳаводорони довталабон ҷудо гардидааст. Ҳамчунин, барои дарк кардани шаффофияти озмун, дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон панҷ толори алоҳида бо насби телевизорҳои калонҳаҷм дар ихтиёри довталабон, мухлисону падару модарон ва устодону омӯзгорон вогузор шудааст. Барои таблиғу ташвиқи ин озмуни бонуфуз, аз даромадгоҳи китобхона сар карда, то роҳраву даҳлезҳои он, толору макони баргузории номинаҳои озмун шиору овезаҳо, суханони раҳнамо, шоҳбайтҳои адибони классики адабиёти тоҷику ҷаҳон насб карда шудаанд. Дар маҷмуъ, барои хубу хотирмон, шаффоф ва дар сатҳи баланд гузаронидани ин озмун аз тарафи маъмурияти китобхонаи мазкур тамоми шароитҳо ба таври бояду шояд муҳайё гардидааст.

Ба хотири инъикоси равානди озмун, фаҳмидани андешаву афкори иштирокчиёни он бо як идда довталабон, падару модарон, узви ҳакамону дигар дастандаркорони озмун суҳбатҳои кӯтоҳе доштем, ки муҳтавои онро пешниҳоди хонандагони нашрия мегардонем.

**Малика Бобоева, хонандаи синфи 10-и мактаби рақами 1-и шаҳри Кӯлоб** буда, дар номинаи адабиёти муосир ширкат меварзад. Вай иброз дошт, ки 80 ғазал, 90 рубоӣ, 6 достон аз эҷодиёти устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ва миқдори зиёди пораҳои шеъриро пешниҳод намудааст. Ӯ барои роҳхат гирифтан ба даври ниҳоӣ аз устоди мактабиаш Рухсора Кабирова, ки заҳмати зиёд кашидааст, миннатдор аст. Меҳоҳад, ки дар озмунҳои оянда низ иштирок намуда, соҳиби ҷойи ифтихорӣ гардад.

Бино ба гуфти **Динара Мамадюнусова, хонандаи синфи 8, МТМУ 21, ноҳияи Ишкошим** ӯ низ аз рӯйи номинаи адабиёти муосир тайёрии ҷиддӣ дидааст. Вай соли аввал дар ин озмуни бонуфуз иштирок карда, дар вилоят соҳиби ҷойи аввал ва барои иштирок ба даври ниҳоӣ роҳхат гирифтааст. Ӯ 10 роман, 60 повест, 110 ҳикояву новелла, 20 очерк, 10 драма, беш аз 100 ғазал, 120 рубоиву дубайтӣ, сад шоҳбайтро азхуд карда ба пешкаши ҳайати ҳакамон мегардонад ва боварӣ дорад, ки ғолиб меояд. Динара мегӯяд: «Аз падарам, ки корманди ширкати «Тоҷиктелеком» - и ноҳия, модарам рӯзноманигор (дар айни замон хонашин аст) ва муаллимаи азизам Майсара Кӯчакшоева миннатдорам, ки маро то ба ин сатҳ оварда расондаанд. Маҳз дастгириву меҳрубонӣ ва раҳнамоии онҳо буд, ки адабиёти зиёдеро мутолиа кардаву ба озмун роҳ ёфтам. Бовар дорам, ки ғолиб меоям, агар не, боке нест, муҳим он аст, ки асарҳои зиёдеро мутолиа карда, ғизои маънавӣ гирифтам, дар озмун иштирок менамоям, барои ман ҳаминаш аз ҳама муҳимтар аст».

Вокеан ҳам, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки сол то сол иштироки хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва умуман, дигар қишри ҷомеа сол то сол меафзояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мардуми мо ба китобу китобхонӣ бештар таваҷҷуҳ мекардагӣ шудаанд. Албатта, чунин амал бе роҳбаладиву дастгирӣ самара намедиҳад. Ин аст, ки аксари хонандагони мактабҳоро падару модарон, омӯзгорон, намояндагони раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия, вилоят ҳамроҳӣ мекарданд.

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

СОЗАНДАГӢ

***12 декабр дар деҳаи Бунайи Ҷамоати деҳоти Ҷовидони ноҳияи Ванҷ бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 3 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.***

## Ванҷ: муассисаи таҳсилоти умумии рақами 3 ифтитоҳ ёфт




Раиси вилоят Алишер Мирзонабот, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукрулло Хайрзода, директори Дирексияи мебошад. Корҳои бунёдӣ дар мактаб аз моҳи июни соли 2021 оғоз гардида, дар муҳлати кӯтоҳ бо сифати баланд ба анҷом расонида шуданд.

Дар мактаб утоқҳои фаннии химия, физика, биология, технологияи иттилоотӣ ва утоқҳои таълимии духтарона ва писарона ташкил карда шуда, бо тамоми таҷҳизоти таълимӣ ҷиҳозонида шудаанд.

сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Суҳроб Саъдуллозода ва дигар шахсони расмӣ дар маросими ифтитоҳи он иштирок намуданд.

Мактаби мазкур аз ду ошёна иборат буда, дорои 22 синфхона барои 450 ҷойи нишаст

Бояд гуфт, ки дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ сохтмони 876 иншооти таъйиноташон гуногун ба нақша гирифта шудааст.

**Обуна ба ҳафтаномаи «Омӯзгор» барои соли 2023**

**Агар хоҳед, ки дар соли 2023 аз навгониҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаи маориф ва илмро саривақт дастрас намоед, аз таҷрибаи ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.**

Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта 170 сомониу 58 дирам

СУРАТҲИСОБИ МО

ДХ БДА ЧТ «Амонатбонк»
с/ҳ 20202972200817101000
ҳ/м 20402972316264

РМБ 350101626
РМА 010009400
Ба «Омӯзгор»

@ Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефони боварӣ: 227-76-86

# Сабқати беҳтаринҳо

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

**Оиша Сафарова, хонандаи синфи 10, мактаби рақами 3-и ноҳияи Фархорро** падараш муҳосиб ва модараш Фазилабону Зиёева, ки магистранти Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, роҳбаладӣ менамоянд. Ф. Зиёева иброз дошт, ки ӯ соҳиби се фарзанд буда, Оиша фарзанди калонии оила мебошад. Вай аз хурдӣ ба мутолиа шавқу завқи зиёд дорад. Ӯ соли чорум аст, ки дар ин озмун ширкат варзида, маҳорату малакаи худро месанҷад. Оиша имсол дар миқёси вилоят ҷойи дуюмро ишғол кард ва то даври ниҳоӣ расид. Акнун қувваозмоӣ дар ин давр шадидтар сурат мегирад, чунки аз тамоми шаҳру навоҳӣ ва вилоятҳои ҷумҳурӣ ғолибон ин ҷо ҷамъ омада, байни ҳам сабқат мекунанд. Бо вуҷуди ин, Оиша аз худ боварӣ дорад, зеро 115 ғазал, 120 рубоиву дубайтӣ, 500 байт ва дигар анвои шеъриро азбар кардаву 30 роман, 40 повест, 130 ҳикояро хондааст ва бовар дорад, ки муваффақ мегардад. Чунонки падари Оиша иброз дошт, дар ин роҳ бояд ҳатман падару модар саҳм бигиранд. Масалан, мо дар хонаамон китобхонаи шахсӣ ташкил кардаем, ки ҳамаамон дар вақти холӣ ба мутолиа машғул мегардем. Оиша хоҳаронашро низ ба китобхонӣ тарғиб намудааст ва онҳо низ мехоҳанд аз соли оянда дар ин сабқат ширкат намоянд. Худи Оиша ба хондани асарҳои адабиёти муосир шавқ дорад, Бинобар он, аз рӯйи ҳамин номина дар озмун иштирок менамояд. Вай мехоҳад, ки дар оянда табиб шаваду ба дардмандон шифо бахшад.

**Сафина Ҳофиззода, хонандаи синфи 10, МТМУ №27 – и ноҳияи Мастчоҳ** дар номинаи адабиёти классикӣ бо ҳамтоёни худ қувваозмоӣ намуданист. Аз



ибрози андешааш маълум, ки ӯ ба таври хеле ҷиддӣ тайёрӣ дидаву мехоҳад, ки ғолибиятро ба даст орад ва ба ин бовар ҳам дорад, зеро 50 асари насрӣ, 108 ғазал, 140 рубоӣ, 110 шоҳбайту қасида, 314 байту достон, 100 байти навъҳои дигари шеъриро барои ҳайати ҳакамон армуғон овардааст. Чунонки Сафина гуфт, вай ҳамасола қариб дар ҳамаи озмунҳои сатҳи ноҳиявию вилоятӣ, новобаста ба мавзуъҳо ширкат намудаву дар аксари онҳо ғолибиятро ба даст овардааст. Масалан, чор сол боз дар озмунҳои «Шоҳномахонӣ», «Камолхонӣ, «Шукӯҳихонӣ», «Ровии беҳтарин», «Гулдухтарони ҳунарманд» (қисмати адрасбофӣ) ва монанди ин дар миқёси ноҳияву вилоят ширкат варзида, дастболо гардидааст. Ҳамчунин, вай иштирокчии библиомарафони «Ҳамнишине беҳтар зи китоб маҳоҳ» ва олимпиадаҳои фанниии забон ва адабиёт мебошад. Омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаб Гулистон Абдуллоева ҳамеша ба ӯ мадад мерасонад. Сафина дар баробари мутолиа намудани асарҳои китобхонаи мактабӣ, ҳамчунин, барои дастрас кардани китобҳои дилхоҳаш аз китобхонаи ноҳиявии ба номи Қуввват Давлат, китобхонаҳои вилоятии ба номи Тошхӯҷа Асирӣ ва Аминҷон Шукӯҳӣ аз модараш – корманди хукумати вилояти Суғд ва устодаш Баҳром Мирсаидов хеле миннатдор аст. Ба иқрори худи Сафина вай ба озмун ба тайёрии ҷиддӣ омадааст ва ба шаффофияти он эътимод дорад. Дар оянда шарқшинос шуданист, мехоҳад ба омӯзиши фарҳанг ва таъриху тамаддуни халқҳои олам камар бандад.

Аз суҳбат бо иштирокдорон маълум гардид, ки як қисми онҳо пас аз мутолиаи асарҳои бадеиву азбар намудани ашъори ноб, мехоҳанд дар оянда ба эҷодкорӣ машғул гарданд, вале **Файзулло Нафиса, хонандаи синфи 11, мактаби рақами 14, шаҳри Гулистони вилояти Суғд**



ба шеъру шоирӣ ҳавас дошта бошад ҳам, дар оянда табиб шуданист.

-Агар табиб сермутолиа бошаду бо сухан, шеъру мақолу зарбулмасал ва дигар ашъори ноби классикони адабиётамон ба дармондагон дармон бахшад, бад аст магар? - мегӯяд ӯ. -Дар даври ниҳоӣ ширкат карданро Нафиса худ як навъ ғолибият медонад, зеро ба суолҳои ҳакамони сахтгир ҷавобҳои саҳеҳ додану онҳоро қонеъ гардондан ҳам кори саҳле нест.

Нафиса соли дуюм аст, ки ба даври ҷумҳуриявӣ роҳ меёбад. Имсол низ бо мақсади дар номинатсияи адабиёти классикӣ қувваозмоӣ намудан ба даври ниҳоӣ роҳхат гирифтааст. Бо ин мақсад 140 ғазал, 140 рубоиву дубайтӣ, 130 қасида, 140 байт аз анвои дигари шеърӣ, 150 шоҳбайт азбар намудааст. Вай мегӯяд, барои ширкат кардан дар озмун таҷрибаи кофӣ дорад, хотирааш ӯро фиреб нахоҳад дод ва мутмаин аст, ки соҳиби баҳои ҳаққонии ҳайати ҳакамон мегардад. Номбурда аз он изҳори шодмонӣ намуд, ки дар ёфтани китобҳо ва адабиёти тавсияшуда чандон душворӣ намекашад, зеро дар ин роҳ устодаш Абдуфаттоҳ Ҳоҷиев ва волидонаш кумак мерасонанд. Ҳоло китобхонаи шахсиашон бештар аз 500 нусха китобро дарбар гирифтаасту аз онҳо ҳама аҳли оилаашон ба таври доимӣ истифода мебаранд.

**Нозанин Умарова, хонандаи синфи 6, гимназияи рақами 2, шаҳри Бӯстон** ҳам аз



ҳаммаслаконаш қафо монданӣ нест. Бино ба ақидаи ӯ, ба қироат ва омӯзиши асарҳои ниёгон шавқи беандоза дорад.

- Дар озмуни даври шаҳрӣ дар шаҳри Хуҷанд бо Абдуфаттоҳ Ҳоҷиев вохӯрда, он касро ба худ ҳамчун мураббӣ дар роҳи интихоби асарҳо ва омӯзиши онҳо устод пазируфтам, - мегӯяд ӯ. - Он кас розӣ шуданд ва мисли дугонаам Нафиса аз донишу малака ва таҷрибаи бойи устод ҳангоми омӯзиши асарҳо истифодаи фаровон бурдем. Устодамон барои дастрас намудани асарҳои тавсияшуда ва дилхоҳамон аз китобхонаҳои гимназияи худамон, шаҳрӣ ва вилоятӣ ба мо ёрии худро расониданд.

Нозанин, ҳамчунин, иброз дошт, ки аҳли оилаашон аз ҳафт нафар иборатанд ва маҳз аз соли эълон шудани ҳамин озмун онҳо бештар ба китобу китобхонӣ майл кардаанд.

-Ин падидаи басо хуб аст, ки маҳз Роҳбари давлат ба ин масъала таваҷҷуҳ ва мусоидати бевосита намудаанд. Охир, мардуми мо аз азал ба китоб меҳр дошт ва он мисли нон барояш азиз аст, - иброз медорад Нозанин. -Мутаассифона, солҳои охир ба ин масъала кам таваҷҷуҳ мекардагӣ шудем ва пас аз эълони озмун тарғиби китоб ривоҷу равнақи тоза гирифт.

Модари Нозанин дӯзандаи чирадаст ва падараш корманди соҳаи бонкдорист, вале ба иқрори Нозанин, бори аввал ӯро бибиаш, ки корманди соҳаи тибби ҳарбист, аз эълони чунин озмуни бонуфуз хабардор намуд. Бибиаш пас аз 25 соли фаъолияти корӣ ҳоло дар нафақа аст ва дар ин озмун Нозанинро ҳамроҳӣ менамояд.

- Ман дар даври вилоятӣ ҷойи дуюмро ишғол намуда, ҳарифам танҳо бо ним холи зиёд ҷойи аввалро соҳиб гардид. Хайр, ҳеҷ гап не, озмун озмун аст, асло руҳафтода нестам, кӯшиш мекунам, ки дар рақобати минбаъда ғолиб оям.

**Хонандаи синфи 10 – и мак-**



**таби миёнаи рақами 94, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Исломиддин Асоев** бо шавқу шӯр аз шаффофияти озмун бештар ҳарф мезад.

– Ман, - гуфт вай, - дар номинаи эҷоди назму наср ширкат меварзам. Бо ин мақсад ба ҳайати доварон 1 повест, 2 драма, 20 ҳикоя, 4 эссе, 20 тарона ва 10 латифаи эҷоднамудаи худро пешкаш намудам. Ба тасдиқи ҳайати доварон, маҳсули эҷодам бад нест, дар баробари ин, онҳо аз ман оид ба сатҳи донишам доир ба адабиёти муосир саволҳо доданд. Барои иштирокчии фаъол ҷойи ифтихорӣ доданд ва соҳиби сертификат гардидам.

Маълум гардид, ки Исломиддин ҳанӯз ҳангоми дар синфи ҳафтум таҳсил карданаш ба эҷод машғул гардидааст, вале соли дуюм аст, ки дар ин озмун ширкат меварзад. Соли гузашта дар номинаи адабиёти кӯдакону наврасон иштирок карда, то озмуни шаҳрӣ расида буд. Дар роҳи эҷод аз омӯзгори адабиёти мактаб Нарзигул Розиқова ва аз маслиҳату машварати Нависандаи халқии Тоҷикистон Ато Ҳамдам ва шоира Робияи Холмирзо баҳра бурдааст.

Аз нақли Исломиддин маълум гардид, ки рафти кори озмун ба ӯ басо писанд аст, зеро он шаффоф мегузашт.

– Ман, ҳамчун эҷодкори навқалам, ҳайати доварони номинаро, ки дар он ширкат варзидам, ба хубӣ мешиносам, бо эҷодиёташон шиносам. Ҳангоми баргузорӣ ҳайати ҳакамони озмун, устодон А. Муродӣ, С. Икромӣ, Ю. Юсуфӣ, Б. Муродӣ, М. Ёрмирзоева бо ҳар як иштирокчӣ муносибати хуб доштанд, ки ин басо муҳим аст.

- Дар оилаамон чор фарзандем ва ҳама ба китобу китобхонӣ шавқи беандоза дорем, - мегӯяд Исломиддин. – Моро дар хона ба ин кор бештар модарамон, ки худашон хатмкардаи факултети филологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ мебошанд, роҳнамоӣ менамоянд. Соли оянда низ мехоҳам, ки дар ин озмун ширкат варзам.

Мадина Сафарова, хатмкардаи факултаҳои филологияи тоҷик ва молия ва иқтисоди ДМТ аст. Айни замон ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 18 – и ноҳияи Данғара фаъолият мекунад. Ӯ соҳиби ду фарзанд – Ҳумайнӣ ва Динара мебошад. Вақте ки фарзанди калонӣ – Ҳумайнӣ дар синфи сеюм мехонд, дар номинаи адабиёти бачагона ширкат варзида, ҷойи ифтихориро соҳиб гашта буд. Ҳоло ӯ хонандаи синфи ҳафтум буда, барои иштирок дар озмуни «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» тайёрӣ дида истодааст. Вай соли гузашта дар олимпиадаи ҷумҳуриявии фанниии забони русӣ ҷойи ифтихориро ишғол кард. Имсол ин омӯзгори фаъол фарзанди дигараш – Динара Кароматзодаро барои иштирок дар номинаи адабиёти классикӣ ба даври ниҳоии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҳидоят намудааст.

-Падари Динара корманди ҳифзи ҳуқуқ буда, рости гап, серкор аст ва банда ҳамчун омӯзгор ва ҳам модараш ба духтарамон кумак мерасонам, - иброз медорад М. Сафарова. Динара дар синфи панҷум мехонад ва соли чорум аст, ки иштирокчии ин озмун аст. Вай имсол 130 ғазал, 120 рубоӣ, 10 байт қасида, 500 байт аз достонҳои классикӣ ва 100 байт аз дигар навъҳои шеъриро азбар намудааст. Дар дарёфти асарҳои бадеӣ чандон танқисӣ намекашем. Аз китобхонаҳои мактабию ноҳиявӣ, вилоятӣ ва аз китобхонаи шахсии худамон, ки дорои бештар аз 400 нусха китоб аст, истифода менамоем. Хушбахтем, ки ҳарду фарзандамон одобу ахлоқ ва фаҳмиши хуб дошта, гирандагони стипендияи раиси вилоят мебошанд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, бо чанд тан аз ҳакамони номинаҳои озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҳамсуҳбат гардида, доир ба рафти ин ҳамоиш иттилоъ гирифтем.

**Равшани Махсумзод, нависанда, раиси ҳакамони номинаи «Адабиёти муосир»:**



- Боиси хурсандист, ки сол то сол теъдоди иштирокдорони озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» меафзояд. Ин, албатта, хуб аст, Маълум мегардад, ки мардум рӯз ба рӯз ба китобу китобхонӣ бештар таваҷҷуҳ мекунанд, ба ин васила, дониши худро низ мукаммал мегардонанд. Имсол ба даври чоруми озмуни мазкур, ба номинаи адабиёти муосир 92 нафар пешниҳод гардидаанд. Мо, ҳайати ҳакамон, тибқи Низомномаи озмун амал карда, бо довталабон вобаста ба осори хондаашон суолу ҷавоб намуда, ба онҳо баҳои муносиб мегузорем. Муҳим аз ҳама он аст, ки ҳеҷ гуна фишор ба ҳайати ҳакамон

*(Давомаш дар саҳ.3)*

**Маркази миллии тестӣ даҳ довталаби беҳтарини соли 2022-ро эълон намуд.**

# Сабқати беҳтаринҳо

*(Аввалаш дар саҳ.2)*

вуҷуд надорад ва ҳар кадом узви ҳакам аз рӯйи инсофу адолат амал намуда, ба ҷавобҳои довталабон баҳои муносиби хешро мегузоранд.

**Азизи Азиз, нависанда, раиси ҳакамони номинаи «Адабиёти кӯдакон»:**



- Ҳар бегоҳ тавассути оинаи нилгун аз ҷараёни кори озмун ба мардум иттилоъ дода мешавад. Ҳама шоҳиданд, ки ширкатдорони имсола нисбат ба соли гузашта ҳам зиёд ва ҳам фаъоланд. Бачаҳо сермутолиа шудаанд. Баъзан нозуктарин лаҳзаҳои ин ё он ҳикояву шеър, қиссаву достонҳоро бе душворӣ гуфта метавонанд. Хотираи онҳо қавӣ гаштааст, ки албатта, ин аз сермутолиа будани онҳо гувоҳӣ медиҳад. Акнун узви ҳайати ҳакамонро ҳам зарур аст, ки худашон низ бештар мутолиа кунанд, то дар ҳалли саволҳо дарнамонанд ва саволҳои мушаххас дода тавонанд.

Чизи дигар. Баъзеҳо андеша доранд, ки шояд довталабон маблағро фикр карда, танҳо ба ҳамин хотир дар озмун иштирок мекунанд. Аммо ман фикр мекунам, ки ин андеша тамоман ғалат аст. Ҳар кор бояд арзиш ва подоше дошта бошад. Чунин тасмимгириҳо аз ҷониби Пешвои миллат басо рамзӣ ва саривақтист. Иштирок дар ҳамаи номинаҳо озод буда, шаффоф мегузарад. Ҳар ки иштирокчии озмун аст, худаш инро баръало эҳсос мекунад.

**Ҳайдар Таваккалов – номзади илми филологӣ, устоди ДДХ ба номи М. Назаршоеви шаҳри Хоруғ:**



- Довталабон хеле зираку чаққонанд. Ба саволҳои додашуда мехоҳанд посухҳои муътамад бидиҳанд. Табиист, ки асари хондашуда ба таври пурра дар хотири кас намемонад. Саволҳои пайдошуда ҳама дар асоси асарҳои пешниҳодгардидаи худи довталабон пурсида мешаванд. Чӣ илоҷ, озмун озмун аст ва дониши довталабон ҳам нисбист. Мо ҳамеша ба он мекӯшем, ки ин чорабинии муҳими ҷумҳуриявӣ шаффоф гузарад, зеро вақту замон худ довари ҳақ аст.

Ҳангоме мо ба толоре, ки довталабон, падару модарон ва хешону пайвандони онҳо дар он аз монитор раванди озмунро дар номинаи «Адабиёти кӯдакон» тамошо мекарданд, ворид шудем, масъули баргузории озмун, бонуи кушодачеҳраю хушсухан Майгунаи Абдулғаёсхон ба ҳозирин рӯ оварда, аз рӯйхат ному насаби онҳоеро, ки аз шаҳру навоҳии гуногуни ҷумҳурӣ имрӯз дар номинаи мазкур иштирок мекарданд, якяк хонда, чун мутмаин мешуд, ки эшон дар толоранду мунтазири ба озмун ворид шудану донишу маҳорати худро санҷидан ҳастанд, қаноатмандона сар меҷунбонд. Иштироки довталабон тавассути қуръапартоӣ ба роҳ монда мешуд. Бояд зикр намуд, ки дар озмун аз номинаи «Адабиёти кӯдакон» дар умум, 97 нафар, аз ҷумла, синфҳои 1-4-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 29 нафар, синфҳои 5-11 30 нафар, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ 20 нафар, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун 18 нафар иштирок ва қувваозмоӣ хоҳанд кард. Бо чанд нафар довталаб, волидону омӯзгороне, ки онҳоро ҳамроҳӣ ва ҳаводорӣ мекарданд, ҳамсуҳбат гардидем. **Омина Сафарова, хонандаи синфи 6-и литсейи давлатии №1, шаҳри Бохтар** буда, соли дувум аст, ки дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» иштирок мекунад. Соли гузашта дар се даври озмун ғолибият ба даст оварда, дар даври ниҳоӣ иштирок намуд, аммо соҳиби ҷой нагардидааст.

-Ман мушоҳида кардам, ки озмун дар даврҳои ноҳиявию вилоятӣ шаффоф гузашта, ҳакамон ба маҳорату ҳунар ва дониши мо баҳои одилона гузоштанд, - мегӯяд О.Сафарова ва меафзояд, ки бо он мақсад дар озмун ширкат меварзад, ки донишу андӯхтаҳояшро бисанҷад ва боварӣ ҳосил кунад, ки дар қиёс бо дигар довталабон лаёқату фаҳмишаш дар кадом сатҳ қарор дорад? Дар ин самт ба ӯ омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики литсей Алишер Абдураҳмонов, ки собиқаи 12-солаи корӣ дорад, дар дарёфту мутолиаи осори бадеии назмию насрии дар Низомномаи озмун пешниҳодшуда мадад расондааст. Ба таъкиди модари Омина, вай духтари фаъолу кӯшо, ҷӯяндаву лаёқатманд буда, ба мутолиаи осори бадеӣ, хусусан, адабиёти кӯдакон шавқу рағбати зиёд дорад. **Хонандаи синфи 8-и литсейи рақами 2, шаҳри Душанбе Мадина Ҳакимова** соли чорум аст, ки дар озмун иштирок мекунад ва маҳорату лаёқати хуб нишон дода, дар ин муддат то даври ниҳоӣ баромадааст. Аз нақли Мадина маълум гардид, ки вай донову пурхонда буда, ба ҷуз озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», дар озмуни «Ҳофизхонӣ» ширкат намуда, дар даври ноҳиявӣ ҷойи дуюм ва шаҳрӣ ҷойи сеюмро соҳиб шудааст. Ҳамчунин, номбурда дар озмуни «Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе» шеърҳои шоирон Низом Қосим ва Шаҳрияи Аҳтамзодро ифоданок қироат намуда, сазовори ҷойи ифтихорӣ гардидааст. Дар масъалаи омода намудани Мадина ба озмунҳои гуногун, аз ҷумла, «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики литсей Ҷамолиддин Сироҷиддинзода ва модараш Таҳмина Ғафурова, ки ба сифати муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад, саҳми калон гузоштаанд.

-Ман, - мегӯяд Мадина Ҳакимова, аз рӯйи талаботи Низомномаи озмун пурра омода шудаам, тамоми осори назмию насрии тавсияшударо мутолиа кардаам. Ба худ бовар дорам, ки дар даври ниҳоӣ, албатта, пирӯзӣ ба даст хоҳам овард. **Хонандаи синфи 6-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 17-и ноҳияи Восеъ Нурбону Расуловаро** модараш Дилбар Фатҳиддинова ҳамроҳӣ мекунад. Нурбону низ соли чорум аст, ки дар озмун фаъолона иштирок мекунад. Се сол дар даври мактабию ноҳиявӣ дастболо шуда, дар даври вилоятӣ ширкат намудааст, вале шаҳди ғолибиятро начашидааст. Имсол, хушбахтона, дар даври вилоятӣ пирӯз гардидаву дар даври ниҳоӣ иштирок мекунад. Ба таъкиди Нурбону, вай ба озмун омодагии ҷиддӣ дида, 300 китоби насриро мутолиа ва 5000 мисраъ шеър, аз ҷумла, 500 мисраъ аз достонҳо, 100 зарбулмасал, 50 чистон, 50 латифа ва 50 тезгӯякро хондаву азбар кардааст.

–Нурбону адабиётро дӯст медорад, аз қавле, рӯзе шеъре ё ҳикояеро нахонад, он рӯз худро нороҳат ҳис мекунад, -мегӯяд модараш ва меафзояд, ки дар ин роҳ ба ӯ дар радифи омӯзгори заҳматкаши муассиса Ҷӯрахон Мавлонов, падараш Тоҳир Расулов, ки соҳибкори муваффақ мебошад, кумак мерасонад. Агар Нурбону қисме аз асарҳои бадеиро аз китобхонаи мактабиву ноҳиявӣ дарёфт ва мутолиа карда бошад, бархеи дигарро падараш аз мағозаҳои китоб харида, ба ӯ туҳфа кардааст. Нурбону ба эҷоди шеър низ машғул мешавад ва чакидаҳои хомааш дар нашрияҳои «Пайрав» (замимаи ҳафтаномаи «Омӯзгори»-и Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ), «Навиди омӯзгор»-и шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ зуд-зуд ба табъ мерасанд. Нурбону имсол бо он нияту ҳадаф қадам ба Душанбеи нозанин гузоштааст, ки ҳатман аз шаҳди пирӯзӣ ком ширин намояд. Дигар аз иштирокчии озмун, **хонандаи синфи 7-и МТМУ №97-и шаҳри Ҳисор Эҳромҷони Парвиз** маҳсуб меёбад, ки соли дуюм ҳамчун довталаб ҳунару маҳорати худро санҷидан мехоҳад.

-Соли гузашта дар даврҳои ноҳиявию минтақавии озмун иштирок карда, ҷойи сеюм, имсол бошад, ҷойи дуюмро соҳиб гардидам, - изҳор дошт Эҳромҷон ва тавзеҳ дод, ки тақрибан 230 шеъру ғазал аз ёд ва 30 асари насриро мутолиа кардааст. Ҳамчунин, рубоию достон, тезгӯяку чистонҳои зиёде ва дар умум, 7000 мисраи шеъриро аз ёд кардааст. Дар тарбияи маънавии довталаб падараш Парвиз Ёров, ки соҳибкор мебошад, омӯзгори коллеҷи шаҳри Ҳисор Зиёвиддин Бӯриев, модаркалонаш, ки дар синфҳои ибтидоӣ дарс мегӯяд, ҳиссаи босазо гузоштаанд. **Мижгона Ӯзбекова, хонандаи синфи 8, мактаб-интернати ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ** соли чорум аст, ки дар озмун ширкати фаъолона дошта, то сатҳи вилоятӣ баромадааст. Имсол дар даври вилоятӣ ҷойи сеюмро ишғол карда, инак, боиси ифтихори ӯст, ки дар даври ниҳоӣ иштирок мекунад.




Ҳароина, эътимоди комил дорад, ки дар ин давр яке аз ҷойҳои аввалро соҳиб хоҳад шуд. Дар толоре, ки он ҷо волидон, хешону пайвандон, омӯзгорону устодони довталабон аз номинаи «Адабиёти муосир» ҳузур доштанд, низ тавассути монитор маҳорату дониши довталабон дар назди ҳакамон намоиш дода мешуд. Бояд хотиррасон намуд, ки дар номинаи адабиёти муосир 92 нафар довталаб иштирок ва сабқат мекунанд. **Мутрибаи Мубораккшо, хонандаи синфи 8, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 11-и ноҳияи Файзобод** буда, ӯро дар озмун падараш Муборакшо Раҳмонов, омӯзгори мактаби мазкур ҳамроҳӣ мекунад.

-Мутриба соли сеюм аст, ки дар озмун аз номинаи «Адабиёти муосир» иштирок мекунад, -мегӯяд М.Раҳмонов. Соли аввал дар даври минтақавӣ соҳиби ҷойи ифтихорӣ гардид, соли сеюм дар даври ниҳоӣ иштирок кард, аммо пирӯзӣ ба даст наовард. Имсол, хушбахтона, дар даври минтақавӣ сазовори ҷойи аввал гардид ва тавре мебинед, дар даври ниҳоӣ ширкат мекунад. Мутриба асарҳои дар Низомномаи озмун пешниҳодшударо, ки аксари он осорро аз фурӯшгоҳҳо харида будам, хонда, ашъори шоирони муосирро аз бар намудааст. Вай 100 ғазал, 62 шеър, 160 рубоию дубайтӣ, 7 достон, 204 асари насрӣ (37 роман, 45 повест ва 110 ҳикоя)-ро мутолиа кардааст. Мутриба мақсад дорад, ки оянда ба донишгоҳ дохил шуда, журналист мешавад. **Хонандаи синфи 10-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Гулистони вилояти Суғд Имоммуҳаммад Имомов** соли чорум аст, ки дар озмун иштирок дорад. Соли равон дар озмуни вилоятӣ ҷойи сеюмро ишғол карда, иштирокчии даври ниҳоӣ дар номинаи «Адабиёти муосир» гардидааст. Ба Имоммуҳаммад омӯзгори ДДХ ба номи Б.Ғафуров Наргиса Раҳимова дар дарёфту мутолиаи осори адибони муосир кумак расондааст. Ба таъкиди довталаб, вай 100 ғазал, 120 рубоӣ, 100 байт, 150 байт аз достонҳо

*(Давомаш дар саҳ.4)*

**Аввалин хатмкунандагони давраи омӯзишии «Идоракунии рушди маҳал» соҳиби шаҳодатнома шуданд.**

# Сабқати беҳтаринҳо

*(Аввалаш дар саҳ.3)*

(дар маҷмуъ, 10 достон)-ро аз ёд ва 10 роман, 30 повест, 3 очерки бадеӣ, 4 асари ёддоштӣ, 2 драма, 60 ҳикояро мутолиа кардааст. И.Имомов дар мактаб бо баҳои аъло таҳсил намуда, орзу дорад, оянда духтур хоҳад шуд. **Бадин тариқ, хонандаи синфи 10-и литсейи инноватсионии шаҳри Душанбе Гулбарги Камолиддин** имсол дар даври шаҳрӣ аз номинаи адабиёти муосир соҳиби ҷойи якум гардида, ба даври ноҳиявӣ роххат гирифтааст. Гулбарг 200 асари насриро мутолиа ва 140 шеър аз ёд кардааст. Омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики литсей Муруватшо Анваров қобилияти суханданию шеърфаҳмии шогирдашро эҳсос карда, дар тарбияи маърифатии ӯ басо ранҷ кашида, барои сабқат дар озмун таҳрикаш дода.

-Барои дар озмун иштирок кардану пирӯзӣ ба даст овардан ҳамвора ба Китобхонаи миллӣ омада, асарҳои тавсияшудаи Низомномаро мутолиа мекардам, -мегӯяд Гулбарг ва илова мекунад, ки вай дар аксар озмунҳо, аз ҷумла, озмунфестивали китобҳои кӯдакону наврасони ҷумҳурӣ соли ҷорӣ иштирок карда, дар номинаи «Ҷавҳари сухан» дар қироати ифоданоки шеър сазовори ҷойи якум гардидааст.

Дар қабати нуҳуми бинои Китобхонаи миллӣ озмун дар номинаи «Адабиёти классикӣ» ҷараён дошт. Дар толори берунӣ бо волидону омӯзгорон ва довталабон вохӯрда, суҳбат оростем. **Хонандаи синфи 10-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 16-и ноҳияи Шоҳмансур Аҳмадҷон Аймаҳмадов** изҳор дошт, ки соли дуюм аст, дар озмун иштирок мекунад. Соли гузашта дар даври шаҳрӣ соҳиби ҷойи ифтихорӣ гардида буд. Аҳмадҷон хонандаи соҳиблаёқат, сермутолиа ва донишандӯхта буда, гирандаи стипендияи Президентӣ мебошад. Вай, инчунин, дар озмуни фаннии ҷумҳуриявӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик фаъолона ширкат варзида, сазовори ҷойи сеюм гардидааст. Дар озмуни «Шоҳномахонӣ» иштирок ва ғолиб дониста шудааст.

-Ман аз хурдӣ ба ашъори шоирони классики форсу тоҷик таваҷҷуҳ ва меҳру муҳаббати хоса доштам. Бародаронам ашъори шоирони гузаштаи форсу тоҷикро қироат мекарданду ман завқ мебурдам. Ҳоло бо тайёрии пухта ба даври ниҳоӣ омадаам. Зиёда аз 100 ғазал ва 2000 байт аз ёд кардаам. Мо дар хона китобхонаи шахсӣ дорем. Падарам пизишканд, соҳибмаърифату равшанфикр. Аксари китобҳоро аз фурӯшгоҳҳо харидем, аз ҷумла, 30 ҷилд осори насри муосирро, -гуфт дар хотима Аҳмадҷон Аймаҳмадов.

**Аз ноҳияи дурдасти Нуробод хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2, Ҷамоати деҳоти Сафедчашма Сангакзода Муҳаммад Ҳусейн** барои иштирок дар даври ниҳоӣ дар озмун аз номинаи «Адабиёти муосир» ба пойтахт омадааст. Соли дуюм аст, ки дар даври ниҳоии озмун иштирок мекунад. Соли гузашта низ дар давраҳои ноҳиявию минтақавӣ ғолибиятро ба даст оварда, дар даври ниҳоӣ ширкат намуда, соҳиби ҷойи ифтихорӣ гардида буд.



-Устодам Мирхӯҷа Мирзобеков, ки собиқаи 30-солаи корӣ дорад, доимо пандам медиҳад, ки одам дар озмун як маротиба шикаст хӯрд, набояд навмеду руҳафтода шавад, - мегӯяд Муҳаммад Сангакзода. Аз ин рӯ, ман бо азму саъй ва иродаи қавӣ дубора дар озмун иштирок карда истодаам. Тӯли як моҳ дар Китобхонаи миллӣ осори бадеии адибони муосирро мутолиа намудам ва ба озмун омодагӣ дидам. Ба тасдиқи Муҳаммад, вай шеъри фаровоне аз ёд кардааст. Танҳо аз «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ 120 байт аз бар намудааст. Падараш Ҳусейн Сангаков, заргари соҳибхунарест, ки маърифати баланд дошта, китобҳои зиёдеро аз дукону фурӯшгоҳҳо барои мутолиаю омӯзиши фарзандонаш харидааст. **Хонандаи синфи 11-и МТМУ №10, аз ноҳияи Тоҷикобод Абдулло Аброров** иштирокдори соли дуюми озмун ба шумор рафта, дар даври минтақавӣ ғалаба ба даст оварда, ҳамакнун талош меварзад, то дар даври ниҳоӣ пирӯз гардад. Дар ин ҷода ба ӯ омӯзгорон варзидаи таълимгоҳ Порсоҳӯҷа Бахоров ва Суҳроб Ваҳҳобов ҳамаҷониба мадад расондаанд. Абдулло 1500 байт, 70 рубоию дубайтӣ ва 115 ғазал аз ёд кардааст. Аз довталаб, **хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №109, шаҳри Ваҳдат Муаззамаи Фахриддин** пурсидем, ки чаро вай маҳз номинаи адабиёти классикиро интихоб кардааст? Ӯ гуфт, сабку услуби эҷодии шоиру нависандагони классики форсу тоҷик бароям мақбулу писанд аст. Муаззама низ соли гузашта, то ба даври ниҳоӣ баромада, сазовори ҷойи ифтихорӣ гардидааст. Мегӯяд, 150 ғазал, 220 рубоӣ, 500 байт аз достонҳо, 100 байт аз дигар анвои шеърӣ хондаву азёд ва ҳамчунин, 58 асари насриро мутолиа кардааст. Падараш, сарвари мактаби №109-и шаҳри Ваҳдат барои иштироки Муаззама дар озмун тамоми шароитро муҳайё намудааст.

Дар даври минтақавии озмун, ки дар шаҳри Ҳисор баргузор гардида буд, Муаззамаи Фахриддин сазовори ҷойи якум ва ғолиб баромадааст.

Бояд таъкид кард, ки иштироки довталабон дар номинаи адабиёти ҷаҳон низ касро хушҳол накарда намемонд. Минҷумла, **хонандаи синфи 8-и МТМУ №50-и ноҳияи Рӯдакӣ Фариса Холиқова** соли аввал аст, ки дар озмун ширкат мекунад. Вай дар даври минтақавӣ ҷойи сеюмро ишғол карда, ба иштирок дар даври ноҳиявӣ роҳ ёфтааст.

-Ба ман бахри иштирок дар озмун омӯзгорони синфи ибтидоӣ Фарҳод Ҳакимов ва забони русӣ Хуршеда Мирзоева мусоидат ва кумак намуданд, -иброз дошт Фариса ва тавзеҳ дод, ки китобҳоро аз китобхонаи мактаб ва китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии Тоҷикистон ба номи Мирсаид Миршакар дарёфт ва мутолиа намудааст. Номбурда зиёда аз 115 асари насрии нависандагони ҷаҳон ва тақрибан 4000 мисраъ шеърро аз бар кардааст. **Ҳамин тавр, хонандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 3-и ноҳияи Шоҳмансур Дилноза Бобошоева** соли якум аст, ки дар даври ниҳоии озмун иштирок мекунанд.

-Ман барои он дар номинаи «Адабиёти ҷаҳон» иштирок мекунам, ки забони русиро хеле хуб медонам ва осори адибони ҷаҳонро бештар бо ин забон мутолиа мекунам, - мегӯяд Дилноза ва меафзояд, ки барои ман омӯзиши асарҳои шоиру нависандагони ҷаҳон шавқовар менамояд. Меҳру муҳаббати адабиёти ҷаҳонро дар дили ман омӯзгори нахустинам Камолиддин Сироҷов, муаллимони забони русӣ Шаҳло Саидзода ва Заррина Искандарова бедор намудаанд. Дилноза гирандаи стипендияи Президентӣ, иштирокчии озмуни «Экология» буда, дар даври ҷумҳуриявӣ соҳиби ҷойи якум гардидааст. Ҳамзамон, дар озмуни сатҳи минтақавӣ аз забон ва адабиёти рус маҳорату дониши хуб нишон дода, ҷойи дуюмро ишғол кардааст. Омодагии ҳамаҷонибаи дида, 134 китоби насриро мутолиа ва 1000 байт аз ёд кардааст. Инчунин, драмаю ҳикоя ва повесту романҳои зиёди адибони ҷаҳонро мутолиа намудааст. Дар номинаи «Эҷоди назму наср» дар маҷмуъ, 90 нафар иштирок мекунанд, ки тибқи Низомнома 1 қисса, 5 ҳикоя, 2 эссе ва драмаҳои таълифнамудаи худро дар наср ва ашъори сурудаашонро дар номинаи назм пешниҳоди ҳакамон карда истодаанд.

Хурсандиовар аст, ки дар озмун комиссияи апеллятсионӣ вобаста ба ҳамаи намуди номинаҳо амал мекунад, ки вазифаи он бознигарии маҳорату дониши довталабоне мебошад, ки аз баҳои додаи ҳакамон норозӣ буда, бо ариза ба раиси комиссияи умумиҷумҳуриявии озмун муроҷиат намудаанд. Ҳайати



комиссияи апеллятсионӣ вазифаи худро ба таври огоҳона, ҳамаҷониба ичро карда истодааст. Дар ҷараёни озмун бо ҳайати ҳакамони номинаҳо ва намояндагони раёсату шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ҳамсуҳбат гардидем. **Аз ҷумла, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Ғазалшоҳ Сафарзода** таассуроту бардошти худро аз иштироки довталабони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба тарзи зайл иброз намуд:

-Чанд сол қабл аз баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», дар қаламрави вилояти Хатлон бо иқдоми раёсати маорифи он озмунҳои «Ҳофизхонӣ», «Бедилдонӣ», «Камолхонӣ», «Лоиқхонӣ», «Китобхони беҳтарин» ва амсоли инҳо ба роҳ монда шуда буд, ки заминаи муътамаде ҷиҳати омӯзишу мутолиаи бардавоми толибилмон маҳсуб ёфта, иштироки муташаккилонаи хонандагонро дар озмун муҳайё намуд. Бо дастури Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» роҳандозӣ гардид, чун дар дигар минтақаҳои кишвар, дар вилояти Хатлон ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо кард. Бояд қайд кард, ки дар даврҳои шаҳрию ноҳиявӣ озмун дар сатҳи баланд баргузор гардида, хеле муассиру хотирмон ҷамъбаст мешавад. Дар муқоиса бо солҳои қаблӣ фарогирӣ ва иштироки довталабон муташаккилонаю фаъолона мебошад, ба хусус, дар байни хонандагони муассисаҳои таълимии вилоят. Соли ҷорӣ дар даври вилоятии озмун беш аз 4000 нафар довталаб дар минтақаи Бохтару Кӯлоб иштирок ва маҳорату лаёқати худро ба намоиш гузоштанд. Дар ҳамаи номинаҳои озмун беҳтарин донандагони китоб, ихлосмандони назму наср, падидаҳо ва чеҳраҳои вокеан, соҳибмаърифат баъд аз ҷамъбасту натиҷагирӣ муайян гардиданд. Ба даври ниҳоии озмун 95 нафар довталаб аз вилоят роҳхат гирифта, фаъолона иштирок карда истодаанд. Бо иқдоми раёсати маорифи вилоят, бо мақсади огоҳии бештари хурду бузург аз озмуни баргузоршудаистода бо теъдоди 2000 нусха Низомномаи озмун чоп ва дастраси довталабон зинаи аввали озмун гардонида шуд. Ҳамзамон, 2000 диски маҷмуи китобҳои электронии бадеӣ (1000 нусха) ба довталабон ройгон интиқол гардид. Айни ҳол довталабон бо азму саъйи комил дар озмун маҳорату дониши худро нишон дода, ҳар яке бо ҳазор орзую умед мунтазири он рӯзест, ки исмашро дар радифи ғолибон эълон намоянд. Эътимоду боварӣ, иродаю талош ва рӯҳи барозандаи ҳар як довталаб гувоҳи омодагии ҳамаҷонибаи эшон ба даври ниҳоии озмун мебошад.

Бояд гуфт, ки имсол ба даври чоруми озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» аз рӯйи шаш номина – адабиёти кӯдакон – 97 нафар, адабиёти классикӣ – 95, адабиёти муосир – 92, адабиёти ҷаҳон – 68, адабиёти эҷоди назму наср (бахши назм) 50 ва адабиёти эҷоди назму наср (бахши наср) 40 нафар, ҷамъ 442 нафар роҳ ёфтанд. Албатта, пас аз суолу ҷавоб байни довталабону ҳайати ҳакамон беҳтаринҳо ба даври ниҳоӣ роҳ меёбанд, ки ғолибони ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва «Шоҳҷоиза» мегарданд. Ҷамъбасту натиҷагирӣ нишон хоҳад дод, ки бахт ба рӯйи кадоме аз иштирокдорон хандидааст вай сарбаландона ба истиқболи ин бахти бузург мешитобад.

Мо ба ҳамаи ширкатдорони озмун барор хоста, дар шумораи ояндаи нашриямон аз ҷамъбасти ин озмуни бонуфуз иттилоъ хоҳем дод.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

Аз 14 то 16 декабр дар шаҳри Душанбе Намоишгоҳи даҳуми байналмилалии «Китоби Душанбе» баргузор мегардад.

СИТОИШ

# Ифтихори миллат

Барои ҳар як халқу миллат истиқлол бузургтарин неъмат ба шумор меравад. Мутаассифона, пас аз чанд моҳи соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ печид. Кишварро бесарусомонӣ, ноамнӣ, фалаҷшавии соҳаҳои кишоварзию саноат, наклиёту хизматрасонӣ ва тандурустӣ фаро гирифт. Дар чунин вазъи гарон баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайки наҷот ба миллати тоҷик шуд. Дар ин анҷумани саодати халқ ҳодиву раҳкушову раҳнамо ва наҷотбахши миллати тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сари қудрат омаданд.

Фаъолияти пурмуҳтавову пурмаҳсули давлативу ҷамъиятии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оинаест, ки дар он тамоми марҳилаҳои рушди Ватанамон дар даврони истиқлол инъикос ёфтааст.

Маҳз хидматҳои ватандӯстонаи Роҳбари давлат буд, ки мо миллат шудем ва соҳиби давлатему мавриди эътирофи ҷаҳониён қарор гирифтем.

Чунонки малум аст, даврони истиқлол шебу фарозҳои худро дошт ва тибқи таъкидҳои пайвастаи Пешвои миллат, давлати соҳибистиқлоли мо танҳо баъди хатми ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ имкони бунёдкориву ободкориҳоро дар ҳама самтҳо дарёфт кард. Баъди таҳкими сулҳу субот барои рушди тамаддуни моддӣ ва маънавии миллати сарбаланди тоҷик имконияти мусоид фароҳам омад.

Миллати хирадманди мо бо роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фарҳанги зиёда аз ҳазорсолаи хеш такя намуда, собит сохт, ки тоҷикон дорои анъанаҳои беҳтарини башарпарварона буда, сулҳдӯст ва ваҳдатофаранд.

Имрӯз Тоҷикистон роҳи мустақили инкишофи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавиро пеш гирифта, ба озодии сухан, озодии виҷдон ва гуногунандешӣ, ки асосҳои меъёрии давлати демократӣ мебошанд, арҷ мегузоранд.

Пешвои миллат аз нахустин рӯзҳои давлатсозӣ дар қалби зиёиёни мамлакат садоқату эътимодро ба роҳи неку ояндадории ҳукумат афзун гардониданд ва бо онҳо қадамҳои устувор ба пеш ниҳоданд. Дастоварду пешрафти имрӯзи миллати мо натиҷаи бобарори ҳамин такя ба хираду заковат, ватандӯстию инсонпарварӣ, созандагию бунёдкорӣ аз ҷониби Сарвари кишвар мебошад.

Тоҷикистони азиз минбаъд низ дар партави сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат пеш хоҳад рафт ва ба комёбиҳои навин шарафёб хоҳад гашт.

*Шаҳноза ҚОСИМОВА,*
*ходими калони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ*

БАРНОМАИ ТАРБИЯИ НАСЛҲОИ ФАРДОИ ТОҶИКИСТОН

# Тарбияи насли наврас – рисолати муҳим

*Дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 30 – солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Тоҷикистон масири тайкардаи Сардори давлат ҳамчун кафили таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, барномаҳои бузурги созандагӣ, раҳоӣ аз вартаи нобудӣ ва роҳ гирифтан сӯи озодиву истиқлоли воқеӣ бо далелу арқом ва асноди муҳим шарҳу тафсир ёфтанд.*

Мурочиатҳои пайвастаи Пешвои миллат ба мардуми тоҷик дар шароити муосири ҷаҳонӣ дар самти аз даст надодани ҳушёрии сиёсӣ, ҳифзи якпорчагӣ ва таъмини суботу амнияти кишвар, даъвати мардум ба корномаҳои созандагӣ бори дигар аз он гувоҳӣ доданд, ки Пешвои миллат бо дарки масъулияти баланди раҳнамоӣ ба халқу Ватан ҷомеаро барои анҷоми ибтикороти созанда баҳри таҳкими пояҳои истиқлоли миллӣ ва расидан ба қадри даврони имрӯзаи босаодат ҳидоят мекунанд. Аз ҷумла, дар ҳошияи шарҳу таҳлили вазъи кунунии ҷаҳони муосир аз мардуми Тоҷикистон даъват ба амал оварданд, ки дар роҳи ҳифзи соҳибихтиёрии кишвар, таҳкими субот ва ваҳдати миллӣ бояд як лаҳза ҳам дар ғафлат набошем ва муҳим аз ҳама ҳамон ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем: **«Вазъи кунунии ҷаҳон ва минтақа моро водор месозад, ки ҳатто як лаҳза ҳам аз масъалаи ҳифзи соҳибихтиёрӣ, таъмини амнияти давлату миллат, таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ғофил набошем.**

**Дар робита ба ин, ҳар як фарди бонангу номуси миллатро бори дигар даъват менамоям, ки бо дарки амиқи масъулияти шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии худ дар назди халқу Ватан минбаъд дар рушду тараққиёти бомароми давлати соҳибистиқлоламон ва раванди созандагии сарзамини муқаддасу биҳиштосоямон боз ҳам бештар ҳиссагузор бошад».**

Дар ин суханронии ҷашнӣ бори дигар руҷуъ намудан ба масъалаи таълиму тарбияи насли наврас аз ҷониби Пешвои миллат аз он паём расонид, ки воқеан, сиёсати давлат дар соҳаи илму маориф дар меҳвари сиёсати пешгирифтаи Президенти мамлакат қарор дорад. Таваҷҷуҳ ба маҷмуи барномарезиҳои Пешвои миллат дар самти маорифи кишвар шаҳодати он аст, ки ин тадбирҳои наҷиби маорифпарварона низ сарчашма дар ҳамин анҷумани саодати халқ доранд. Роҳбари тозаинтихоби кишвар дар рӯзҳои сахту сангини миллат дар ҷараёни баргузории Иҷлосияи XVI- Шурои Олии Тоҷикистон дар баробари таъйини барномаҳои бузурги давлатӣ масъалаҳои мубрами соҳаи маорифро низ баррасӣ намуда, аз ҳамон айём ба нақши калидии ин самти муҳими давлатӣ таъкид варзиданд. Ин буд, ки яке аз аввалин мулоқотҳои Пешвои миллат ба ҳайси Раиси Шурои Олии Тоҷикистон дар моҳи феврали соли 1993 бо ҷавонон, хоса донишҷӯёни мактабҳои олии шаҳри Душанбе, ки бо сабаби вазъияти душвори пойтахт ба таътил фиристода шуда буданд, баргузор гардида, ҳадафи асосии онҳо идомаи таҳсил ва боло бурдани сатҳи маърифати хеш муқаррар гардид.

Бояд гуфт, ки дар самтгирии низоми маориф ва сиёсати давлатии ҷавонон дар дарозои бештар аз 30 сол мо ҳамеша ин тадбири муҳим - дастгирии истеъдодҳои ҷавонро эҳсос мекунем, чун ҳанӯз аз соли 1998 барои дастгирии олимони ҷавон Ҷоизаи давлатии Исмоили Сомонӣ таъсис дода шуда, стипендияҳои Президентӣ ҳамасола меафзоянд. Ба зиёда аз 3000 сомонӣ расонидани ин стипендияҳо худ далели равшани таваҷҷуҳи Сарвари давлат ба дастгирии истеъдолҳои ҷавон ба шумор меравад.

Пешвои миллат изҳор доштанд, ки дастгирии истеъдодҳои ҷавон яке аз омилҳои муҳими таъмини ободии ояндаи Ватан ба шумор меравад. Аз ин рӯ, вазифаи кормандони соҳаи маорифи кишвар, аз он иборат аст, ки барои кафолати фардои обод **«аз байни онҳо олимону донишмандон, муҳандисону меъморон, табибону омӯзгорон, ихтироъкорону навоварон, лоиҳакашону бинокорон ва дигар кадрҳоеро тарбия кунем, ки фардои дурахшону осудаи давлату миллатро таъмин карда тавонанд».**

Дар баробари иқдомоти таъкидшуда, барои расидан ба ин ҳадафи бузург ҳамагон шоҳиди он ҳастем, ки аз ҷониби Пешвои миллат тадбирҳои дигари муҳим ва зарурӣ андешида мешавад. Баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва оғози озмуни «Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» дар шумори муҳимтарин иқдомоте ҳастанд, ки барои дастгирии истеъдодҳо ва тарбияи наслҳо равона шудаанд. Дар баробари ин, мо, кормандони соҳаи маориф ва илми кишварро низ зарур аст, ки пеш аз ҳама ба масъалаи боло бурдани сатҳу сифати таълим дар мактабу донишкада ва донишгоҳҳои олӣ аҳамияти хоса зоҳир намоем.

Муҳимтар аз ҳама эҳсос мешавад, ки Пешвои миллат бо боварӣ ва эътимод ба ҷавонон сухан мекунанд. Аз ин рӯ, дар ин суханронӣ низ бо мурочиат ба ҷавонони ватандӯсти тоҷик таъкид доштанд, ки **«Мо бо ҷавонони ватандӯсту ватанпарвар ва бонангу номуси худ ифтихор мекунем ва бовар дорем, ки онҳо ҳамчун насли ояндасоз роҳи пешгирифтаи моро ба таври сазовор идома медиҳанд, давлату миллати худро соҳибӣ мекунанд ва обруи тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардоранд».**

Пешвои миллат бори дигар рушди илму маорифро ҳамчун омили таҳким ва таъмини давлати пешрафта ва тараққикарда унвон намуда, таваҷҷуҳи ҷомеаро бар он равона намуданд, ки бояд дар ин самт, яъне мусоидат ба пешрафти соҳаи илму маорифи тамоми талошу кӯшишҳои хешро равона намуданд. Аз ҷумла, дар ин росто таъкид доштанд, ки **«Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта дошта бошем ва фарзандону набераҳоямон дар Ватани боз ҳам ободу тараққикарда зиндагӣ кунанд, имрӯз бояд ба рушди илму маориф ва неруи зеҳнӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем, ҳамаи саъю талош ва захираву имкониятҳоямонро ба ин самти муҳимтарину ояндасоз сафарбар намоем».**

Таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба масъалаи омӯзиши илму дониш ва фарогирии касби ҳунар тарафи дигари муаммоҳои ҷомеаи имрӯзро равшан мекунад. Маълум аст, ки яке аз сабабҳои ба хурофоту ақоиди ифротӣ гирифтор шудани ҷавонон ҳамин бедонишӣ ва камсаводӣ, огоҳ набудан аз аслу моҳияти таълимоти дини мубини ислом, китоб нахондан мебошад. Ба ин хотир, аз ҷавонони кишвар даъват ба амал оварданд: **«Ҷоҳиае, ки солҳои навадуми асри гузашта ба сари миллати тоҷик омад, бояд ба ҳамаи мо ва наслҳои ояндаи миллатамон сабақи ҳушёриву зиракии сиёсӣ бошад. Аз ин лиҳоз, мо набояд ба паҳншавии ақидаҳои хурофотпарастона ва расму оинҳои милливу мазҳабии бегонаву ифротӣ роҳ диҳем».**

Мутаассифона, чунин ҳолатҳои ташвишовар дар ҷомеа зиёд ба чашм мерасанд ва ҳанӯз ба ҷои огоҳӣ аз пешрафтҳои ҷаҳони муосир, кайҳоншиносӣ гурӯҳе аз мардум тахти таъсири хурофот ва ақидаҳои хурофотии ба аслу ҷавҳари дини мубини ислом бегона пойбанд ҳастанд. Моро зарур аст, ки наслҳоро дар руҳияи омӯзиши илму маърифат, осори гузаштаи пурифтихори хеш даъват намоем ва боварии комил дорам, ки ҳар касе, ки аз адабиёти оламшумули мо бархурдор аст ва осори классикони моро мутолиа мекунад, ҳеҷ гоҳ тахти таъсири чунин ғояҳои хурофотӣ қарор нахоҳад гирифт, чун адабиёт ва фалсафаи гузаштагони мо ҳамеша ғояи муқовимат бо хурофот ва ҷаҳолату таассубро талқин мекунад.

*Обидҷон МАҲМУДЗОДА,*
*номзади илмҳои филологӣ, сармутахассиси раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

АЗ ПАЁМ ТО ПАЁМ

# Оғозбахши марҳилаҳои навин

Дар ҳар як Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори умдатарин масоили ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Аз ин ҷост, ки аз Паём то Паём ин соҳаи тақдирсози миллат ба пешрафтҳои чашмгир ноил мегардад. Дар Паёме, ки соли гузашта ба Маҷлиси Олӣ ироа гардид, Сарвари кишвар боз ҳам соҳаи маорифро дар меҳвари суханронии худ гузошта, аз ҷумла, чунин иброз доштанд: Дар давраи соҳибистиқлолӣ мо бунёди маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад». Президенти ҷумҳурӣ зимни ироаи Паём дар назди аҳли маорифи кишвар вобаста ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, тақвиятбахшӣ ба рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои дақиқ, технология ва забонҳои хориҷӣ, парвардани ҳисси баланди ватанпарварию хештаншиносӣ вазифаҳои наву пурмасъулият гузоштанд. Аҳли маориф ҷавобан ба ин фаъолияти худро вусъат бахшида, ба комёбиҳои навин муваффақ гардиданд. Пеш аз ҳама, ончунон ки аз ахбори мақомоти расмӣ ва иттилооти расонаҳои соҳавии мамлакат бармеояд, дар тамоми таълимгоҳҳои Ватани азизамон вобаста ба такмили сатҳи таълиму тарбия қадами ҷиддӣ ба пеш гузошта шуд. Ба ин, ҳамчунин, иштироки васеи шогирдони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар озмуну олимпиадаҳои ватанию хориҷӣ, имтиҳоноти муваффақона дар Маркази миллии тестӣ, комёбиҳои хонандагон дар озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» далел шуда метавонанд. Дар саросари кишвар дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат бунёди муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва ба таври замонавӣ муҷаҳҳазонидани онҳо авҷ гирифт. Ҳукумати мамлакат дар раванди татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ба масъалаи ислоҳоти соҳаи маориф ва ба стандарту барномаҳои байналмилалӣ мутобиқ гардондани он диққати ҷиддӣ медиҳад.

Албатта, неруи асосии пешбари соҳаи маориф омӯзгорон мебошанд. Имрӯз сафи омӯзгорони мамлакат хеле такмил ёфтааст ва аксари кулли аҳли таълиму тарбия дорои маҳорати баланди касбӣ, эҷодкору ташаббускор, соҳиби тахассуси олӣ ва иштирокдори озмунҳои гуногунанд, методҳои наву пурсамари омӯзишро дар амал татбиқ менамоянд ва ба таври муназзам ба такмили ихтисосу бозомӯзӣ машғул мешаванд.

Дар кишвари маҳбуби мо кор кардан дар соҳаи маориф ифтихор аст, маънои хизмати шоиста дар назди халқу Ватанро дорад. Бовар дорем, ки Паёми навбатии Сарвари кишвар ба Маҷлиси Олӣ боз як марҳилаи тозаеро дар фаъолияти аҳли маориф ифтитоҳ мебахшад ва тавонбахши онҳо барои расидан ба ҳадафҳои навини созандаву бунёдкорона мегардад.

*Холназар ТЕШАЕВ,*
*омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби №80-и ноҳияи Рӯдакӣ*

**Мактаб-интернатҳои шаҳри Кӯлоб бо таҷҳизоти муосири каммасрафи гармидиҳанда таъмин шуданд.**

*Чӣ мушкил аст? Шинохти худ.*

*Фалес*



ҲАМКОРӢ



# Вохӯрии Раҳим Саидзода бо Александр Бурков

***13-уми декабри соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо Александр Бурков-губернатори вилояти Омски Федератсияи Россия, ҳамзамон, раиси Ҳукумати вилояти Омск баргузор гардид, ки дар он инчунин, намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази барномаҳои байналмилалӣ, Вазорати маорифи вилояти Омск, ректорони Донишгоҳи давлатии Омск ба номи Ф.М.Достоевский, Донишгоҳи давлатии техникии Омск ва котиби якуми Сафири Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.***

Зимни мулоқот қайд гардид, ки ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи маориф дар доираи Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи илм, технология, маориф, тандурустӣ, информатика, варзиш ва сайёҳӣ аз 19 сентябри соли 1995 амалӣ карда мешавад ва Россия ва Тоҷикистонро ба таври анъанавӣ муносибатҳои гарму дӯстона, ки ба таърихи муштарак ва наздикии халқҳои ду кишвар асос ёфтаанд, мепайвандад.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи маориф ва илм бо Федератсияи Россия таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Аз ин ҷост, ки имрӯз беш аз 20 ҳазор нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Федератсияи Россия таҳсил намуда, ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се филиали муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Россия ва як донишгоҳи муштарак фаъолият доранд.

Таъкид гардид, ки айни ҳол миёни муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Омск созишномаҳои ҳамкорӣ, аз ҷумла, Созишномаи ҳаморӣ байни Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва Донишгоҳи давлатии Омск, Созишномаи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ ва Донишгохи техникии Омск, Созишномаи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Омск, Созишномаи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Омск ба номи Ф. М. Достоевский, Созишномаи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия ва Донишгоҳи давлатии иқтисодии Омск ва Созишномаи ҳамкорӣ байни Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Омск ба имзо расонида шуда, дар мактабҳои олии вилояти Омск зиёда аз 100 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд.

Дар идомаи мулоқот ҷонибҳо бо хушнудӣ изҳор доштанд, ки ҷиҳати рушд ва вусъат бахшидани ҳамкориҳо дар самти табодули донишҷӯёну омӯзгорон, омӯзиши таҷрибаи якдигар, анҷом додани корҳои муштараки илмӣ-таҳқиқотӣ, фаъолияти паркҳои технологии назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омода намудани мутахассисони варзидаи соҳаи омӯзгорӣ ва чанде дигар чораҳои судманд андешида мешавад.

ТАҲЛИЛ ВА БАРРАСӢ

# Мавқеи Тоҷикистон

## ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

**5. БАЪЗЕ ДАЛЕЛҲОИ ИЛОВАГӢ БАРОИ АСОС ҚАРОР ДОДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ СОЛҲОИ 1924-1927**

Баъзе аз коршиносони ҳамсоя ва хориҷӣ нисбат ба бастаи «ҳуҷҷатҳои соли 1924-1927» эрод пеш овардаанд, ки онҳо ҳанӯз дар давраи дар таркиби Русия ва Ӯзбекистон будани ин давлатҳо ва пеш аз таъсиси онҳо ҳамчун ҷумҳурии узви ИҶШС қабул гаштаанд. Хусусан, танҳо дар охири соли 1936 таъсис шудани Қирғизистон ин мавзуъро ба миён меорад.

Аммо дар ин бора бояд гуфт, ки тибқи қонунгузории ИҶШС, пас аз хориҷ шудани Тоҷикистон аз ҳайати Ӯзбекистон ва табдил шудани он ба ҷумҳурии иттифоқӣ дар соли 1929, тамоми ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи тақсимоти марзии солҳои 1924-1927 аз тарафи Тоҷикистон ба мерос гирифта шудааст. Ин марзҳо, аз ҷумла, бо қарори КИМ ҶШС Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 1932 эътироф ва тасдиқ гаштаанд. Маънои ибораи «ҳуҷҷатҳои соли 1932», ки дар музокироти марзӣ аз ҷониби Тоҷикистон истифода мешавад, маҳз ҳамин санади эътирофи расмии марзҳо аз ҷониби ҶШС Тоҷикистон аст.

Ҷумҳурии Қирғизистон низ пас аз хориҷ шудан аз таркиби Русия дар охири соли 1936 сарҳадҳои худ дар таркиби Русия, яъне тақсимоти то соли 1927-ро ба мерос бурда, ба таври расмӣ эътироф кардааст. Ин санадҳо имкон медиҳанд, ки ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927, ки пеш аз таъсиси ҷумҳуриҳои шуравии Тоҷикистон ва Қирғизистон қабул шуда буданд, пас аз таъсиси онҳо низ эътибор пайдо кунад.

Илова бар ин, агар ҷониби Қирғизистон ҳуҷҷатҳои такягоҳии солҳои 1924-1932-ро дар муайянкунии сарҳадҳо инкор намояд, дар натиҷа се қарори зикршуда дар бораи аз Тоҷикистон ба Қирғизистон дода шудани минтақаҳои Баска-Исфана ва Чапкулук (1926), ҳавзаи ангишти Сулукта (1927) ва ҷамоати Замборуч (1932) низ аз этибор соқит мешавад ва Тоҷикистон метавонад масъалаи бозгардондани онҳоро ба миён гузорад. Дар ин сурат, ҳудуди заминҳо баҳсӣ бо илова шудани 209 000 га замини ин се қитъа, аз 211000 га ба 420 000 га мерасад. Аз ин рӯ, радди ин ҳуҷҷатҳо ба нафъи худи ҷониби Қирғизистон низ намебошад.

Ҳамин тавр, сарҳадҳои байни Тоҷикистон ва Қирғизистон бо «ҲУҶҶАТҲОИ СОЛҲОИ 1924-1927 ВА 1932», ЯЪНЕ бо санадҳои таърихӣ ва расмие чун Қарори Президиуми КИМ ИҶШС аз 10-уми сентябри соли 1926, Қарори Президиуми КИМ ИҶШС аз 21уми декабри соли 1926, Қарори Президиуми КИМ ИҶШС аз 4-уми майи соли 1927, Қарори Президиуми КИМ ИҶШС аз 8-уми июни соли 1927 (дар шакли сарҳадҳои байни ҶШС Ӯзбекситон ва ҶШФС Русия) ва Қарори Президиуми КИМ ҶШС Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 1932 муайян ва ба таври ниҳоӣ тасдиқ шудаанд. Харитаи сарҳадҳои байни ду ҷумҳурӣ низ дар замимаи ин қарорҳо ба таври дақиқ омадааст, ки Тоҷикистон онро асос қарор медиҳад. Ин аст, ки аз назари ҷониби Тоҷикистон «ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927» ягона такягоҳи дурусти ҳуқуқӣ барои муайян кардани сарҳади давлатӣ байни Тоҷикистон ва Қирғизистон мебошад.

Ва охирин далели устувор барои дар масъалаи сарҳадҳои ду кишвар санадҳои ягонаи қонунӣ будани ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1932 ин аст, ки пас аз ихтилофи марзии соли 1989, маҳз бо хоҳиши Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон ва Шурои вазирони ҶШС Қирғизистон соли 1990 комиссияи махсуси Шурои Олии ИҶШС барои баррасии ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи сарҳади байни ин ҷумҳуриҳо таъсис гашта буд. Пас аз омӯзиши ин масъала комиссияи мазкур низ ба хулосаи ниҳоӣ расида буд, ки танҳо ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1932 метавонанд ҳамчун ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи сарҳади байни Тоҷикистон ва Қирғизистон эътироф ва истифода гарданд.

Бо вуҷуди ин, аз бойгониҳои таърихии Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба даст овардани ҳуҷҷатҳои тақисмоти марзӣ дар лаҳзаи таъсиси ин ду ҷумҳурӣ ва ҳуҷҷатҳои комиссияи махсуси Шурои Олии ИҶШС дар соли 1990 яке аз вазифаҳои муҳимми раванди музокирот ва мушаххассозии марзҳо ба ҳисоб меравад. Зеро ин ҳуҷҷатҳо метавонанд нуктаҳои зиёдеро равшан кунанд. Аммо чизе, ки муайян аст, ин санадҳо низ «ҳақиқати Тоҷикистон»-ро тақвият хоҳанд дод.

**6.МАРЗИ МАЪМУРӢ Ё САРҲАДИ ДАВЛАТӢ? Шарҳи мақоми ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои пас аз соли 1932, ки ҷониби Қирғизистон ба онҳо такя мекунад**

Тавре зикр шуд, дар ин баҳсҳо ҷониби Қирғизистон ба «ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927» такя накарда, ба ҷойи он як силсила ҳуҷҷатҳои ҳосилшуда дар фосилаи аз соли 1932 то 1991 ва дар давраи истиқлолияти давлатии ду кишварро ҳамчун асос ба миён гузоштанӣ мешавад. Бахше аз ин ҳуҷҷатҳо дар натиҷаи муомилаҳои маҳаллӣ ва маъмурӣ дар бораи табодулу истифодаи муваққатии заминҳо ва бахши дигарашон дар натиҷаи кори комиссияҳои гуногун барои ҳалли баҳсу низоъҳои сарҳадӣ ба вуҷуд омадаанд. Зеро баҳси марзии ду ҷумҳурӣ доманадор буда, аз ҷумла солҳои 1938–1939, 1949, 1958–1959, 1961, 1971, 1987–1988, 1989, 1990 ва ғ. барои ҳалли масъалаҳои пешомадаи заминистифодабарӣ байни ду кишвар комиссияҳои муштарак таъсис дода шудаанд, ки ҳар яке ба тавре баҳсҳои мавҷударо танзим кардааст.

Мутаассифона, шояд бо назардошти дӯстии байни ду халқу ҷумҳурӣ ва ё бо назардошти дар доираи як давлат (ИҶШС) зистани ду халқ, дар рафти кори ин комиссияҳо баъзе заминҳои қонунии Тоҷикистон барои истифодаи қирғизҳо вогузор шудааст. Аммо нуктаи қатъӣ ин аст, ки пас аз соли 1932 то замони фурӯпошии ИҶШС ягон ҳуҷҷати муайянкунандаи марзи давлатӣ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ва Конститутсияи ИҶШС (солҳои 1936 ва 1977) тасдиқ нагардидааст. Ин аст, ки дар ин масъала тамоми ҳуҷҷатҳои истифодашаванда аз ҷониби Қирғизистон ҳамчун санади муайянкунандаи сарҳади давлатӣ бо мушкили расмият ва эътибори ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ мебошанд.

Агар ба ин масъала ба таври мушаххас пардозем, ҷониби Қирғизистон дар гуфтугӯҳои марзӣ бо Тоҷикистон аз санадҳои даврони Шуравӣ се даста ҳуҷҷатҳоро ҳамчун асос пешниҳод мекунад, ки моҳият ва эътибори ҳар яки онҳо чунин аст:

**1.БАСТАИ ҲУҶҶАТҲОИ СОЛИ 1949:**

Ин бастаи ҳуҷҷатҳо протокол ва харитаҳои тартибдодаи комиссияҳои дуҷониба то соли 1949-ро дар бар мегиранд ва мавзуи онҳо ҳамчун ҳудуди Қирғизистон расмият бахшидани заминҳоест, ки ҳанӯз аз солҳои 30-юм давра ба давра барои истифодаи муваққат аз Тоҷикистон ба Қирғизистон вогузор шуда буданд. Санади асосии ин баста мактуби расмии Шурои вазирони Қирғизистон ба Шурои вазирони Тоҷикистон аз соли 1949 аст, ки дар он ҳукумати Қирғизистон ба таври расмӣ хостори ба ҳудуди худ ҳамроҳ кардани ин заминҳои Тоҷикистон мебошад. Албатта, ХУДИ ҲАМИН МАКТУБ ВА МУРОҶИАТИ РАСМИИ ҲУКУМАТИ ҚИРҒИЗИСТОН БА ХУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ИН ЗАМИНҲО СОБИТ МЕКУНАД, КИ ИН ЗАМИНҲО МАҲЗ БА ТОҶИКИСТОН ТААЛЛУҚ ДОШТА, ҚИРҒИЗИСТОН НИЗ ИН ВОҚЕИЯТРО ЭЪТИРОФ МЕКУНАД.

Аммо Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон дар ҷавоби расмии худ ин ҳолатро мухолифи банди «д»-и моддаи 14-уми Конститутсияи ИҶШС (соли 1936) дониста, таъкид намудааст, ки тағйири марзҳои ҷумҳуриҳо салоҳиятҳои истисноии ниҳоди олии қонунгузории Иттиҳоди Шуравӣ мебошад. Ба ибораи дигар, Тоҷикистон ин дархости Қирғизистон дар бораи додани заминҳо, яъне бастаи ҳуҷҷатҳои соли 1949-ро рад кардааст ва онҳо аз ҷониби Тоҷикистон эътироф нашуда, расмиёти давлатӣ барои муайян кардани сарҳади давлатиро нагузаштаанд.

Далели дигари аз тарафи мақомоти давлатии ИҶШС эътироф нашудани ҳуҷҷатҳои соли 1949 ин аст, ки агар то солҳои 50-ум дар харитаҳои ду ҷумҳурӣ хатти сарҳадӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927 ва 1932 ба таври дақиқ нишон дода мешуд, пас аз соли 1950 дар баъзе аз ин харитаҳо марзи ду ҷумҳурӣ ба таври шартӣ ишора шуда, эзоҳ дода шудааст, ки танҳо пас аз тасдиқи давлатии натиҷаҳои кори комиссияи муштарак он дар харитаҳо нишон дода мешавад. Аммо то замони мавҷудияти ИҶШС ҳуҷҷатҳои зикршудаи соли 1949 расмияти давлатӣ наёфтанд.

Ин аст, ки ҷониби Тоҷикистон дар музокироти сарҳадӣ ҲАМЧУН ҲУҶҶАТИ МУАЙЯНКУНАНДАИ САРҲАДИ БАЙНИ ҶУМҲУРИҲО ИСТИФОДА ШУДАНИ ОНҲОРО ДУРУСТ ВА ҚОНУНӢ ҲИСОБ НАМЕКУНАД.

***(Давом дорад)***

***Абдуллоҳи РАҲНАМО,***
***коршинос оид ба масъалаҳои байналмилалӣ***

**Дар шаҳри Душанбе даври шаҳрии озмунҳои «Мураббии сол-2022», «Омӯзгори сол-2022» ва «Хонандаи сол-2022» ҷараён дорад.**

Ш

| | | |
|---|---|---|
| **Шавқовар** | интересный | *interesting ['ɪntrɪstɪŋ]* |
| **Шанбе** | суббота | *Saturday [ˈsætədɪ AmE: ˈsætərˌdeɪ]* |
| **Шарқ** | восток | *East [i:st]* |
| **Шарм** | стыд | *shame [ʃeɪm]* |
| **Шармгин** | стыдливый | *ashamed [ə'ʃeɪmd]* |
| **Шартнома** | договор | *agreement [ə'gri:mənt]* |
| **Шаҳр** | город | *city ['sɪtɪ] , town [taun]* |
| **Шаҳрванд** | гражданин | *citizen ['sɪtɪz(ə)n]* |
| **Шер** | лев | *lion ['laɪən]* |
| **Шеър** | стихотворение | *poem ['pəuɪm]* |
| **Шимол** | север | *North [nɔ:θ]* |
| **Ширин** | сладкий | *sweet [swi:t]* |
| **Шиша** | стекло | *glass [gla:s]* |
| **Шоир** | поэт | *poet ['pəuɪt]* |
| **Шоҳмот** | шахматы | *chess [ʧes]* |

Э

| | | |
|---|---|---|
| **Эҳтиёт** | осторожность | *caution ['kɔ:ʃ(ə)n]* |
| **Эҳтиёҷ** | нужда | *need [ni:d]* |
| **Эҳтимол** | вероятно | *perhaps [pə'hæps]* |
| **Эҳтиром** | уважение | *respect [rɪ'spekt]* |
| **Эҷод** | творение | *create [krɪ'eɪt]* |
| **Эъломия** | декларация | *declaration ['deklə'reɪʃ(ə)n]* |
| **Эълон** | объявление | *announcement [ə'naunsmənt]* |

Я

| | | |
|---|---|---|
| **Якдилӣ** | согласие | *united [ju:'naɪtɪd]* |
| **Якзайл** | однообразно | *uniformly [junifo:mli]* |
| **Якчанд** | несколько | *several ['sev(ə)rəl]* |
| **Якҷоя** | вместе | *together [tə'geðə]* |
| **Якшанбе** | воскресенье | *sunday ['sʌndɪ]* |
| **Яроқ** | оружие | *arms [a:mz], weapon ['wepən]* |
| **Ятим** | сирота | *orphan ['ɔ:f(ə)n]* |
| **Ях** | лёд | *ice [aɪs]* |
| **Яхбандӣ** | леденение | *freeze [fri:z]* |
| **Яхдон** | холодильник | *refrigerator[rɪ'frɪdʒəreɪtə], fridge [frɪdʒ]* |
| **Яхмос** | мороженое | *icecream ['aɪs'kri:m]* |



# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЛУҒАТИ
## ВОЖАҲОИ СЕРИСТЕЪМОЛИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

**Душанбе**
**2022**



| | | |
|---|---|---|
| **Имзо; имзо кардан; имзо гузоштан; ба имзо расидан** | подпись; подписать; подлежит подписанию | *signature [ˈsɪgnətʃə]; to sign [tu saɪn]; to be signed [tu bi: saɪnd]* |
| **Ислоҳ кардан** | корректировать; исправлять | *to correct [tu kəˈrekt]* |
| **Истиқлол, истиқлолият** | независимый, независимость | *Independent [ɪndɪˈpend(ə)nt], Independence [ɪndɪˈpend(ə)ns]* |

К

| | | |
|---|---|---|
| **Кабир** | великий | *great [greit]* |
| **Кабуд** | синий | *blue [blu:]* |
| **Кабӯтар** | голубь | *pigeon [ˈpɪdʒɪn], dove [dʌv]* |
| **Калид** | ключ | *key [ki:]* |
| **Калон** | большой | *big [big], huge [hju:dʒ], large [la:dʒ]; old [əold]; great [greit]* |
| **Канор, кунҷ** | край, угол | *edge [edʒ], border [ˈbɔ:rdər],corner [ˈkɔ:rnər]* |
| **Касал** | больной | *sick [sik], ill [il]* |
| **Касалхона** | больница | *hospital [ˈhɒspɪt(ə)l]* |
| **Касб** | профессия | *Profession [prəˈfeʃ(ə)n], job [ʤəb]* |
| **Киса** | карман | *pocket [ˈpɒkɪt]* |
| **Китоб** | книга | *book [bu:k]* |
| **Китобхона** | библиотека | *library [ˈlaɪbrerɪ]* |
| **Кишвар** | страна | *country [ˈkʌntrɪ]* |
| **Корхона** | контора, офис, учреждение | *office [ˈɒfis],institution [ˌɪnstɪˈtu:ʃn]* |
| **Курта** | платье, блузка | *dress[dres]; shirt [ʃɜ:t]* |
| **Кӯдак** | ребёнок | *child [ʧaɪld], kid [kid] infant [ˈɪnf(ə)nt]* |
| **Кӯл** | озеро | *lake [leik]* |
| **Кумак** | помощь помогать | *help [hɪlp], assistance [əˈsɪst(ə)ns]* |
| **Кӯдакистон, муассисаи томактабӣ** | детский сад | *kindergarten [ˈkɪndəˌga:d (ə)n]* |

Қ

| | | |
|---|---|---|
| **Қабулгоҳ** | приёмная | *reception [rɪˈsepʃ(ə)n]* |
| **Қайчӣ** | ножницы | *scissors [ˈsɪzəz]* |
| **Қалам** | карандаш | *pencil [ˈpens(ə)l]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Қаламрав** | территория | *territory [ˈterɪt(ə)rɪ]* |
| **Қалъа** | крепость | *citadel [ˈsɪtəd(ə)l]* |
| **Қанд** | конфета | *sweets [swi:ts], candy [ˈkændɪ]* |
| **Қарор** | решение | *decision [dɪˈsɪʒ(ə)n], resolution [rezəˈlu:ʃ(ə)n]* |
| **Қатра** | капля | *drop [drɒp]* |
| **Қафас** | клетка | *cage [keɪdʒ]* |
| **Қиматбаҳо** | драгоценный | *voluable [væljuəbl]* |
| **Қолин** | ковер | *carpet [ˈka:pɪt]* |
| **Қонун** | закон | *law [lɔ:]* |
| **Қошуқ** | ложка | *spoon [spu:n]* |
| **Қудрат, кувватбахш** | сила, мощь | *power [ˈpauə]* |
| **Қуттӣ** | коробка | *box [bɒks]* |

Л

| | | |
|---|---|---|
| **Лагер** | лагерь | *camp [kæmp]* |
| **Ларзидан** | трясти, дрожать | *to shake [ʃeɪk], to shiver [ʃivə]* anekdot |
| **Латифа** | анекдот | *joke [dʒəok]* |
| **Лаҳза** | момент | *instant [ˈɪnst(ə)nt], moment [ˈməom(ə)nt]* |
| **Лаҳҷа** | диалект | *dialect [ˈdaɪəlekt]* |
| **Либос** | одежда | *clothes [kləʊ(ð)z]* |
| **Либосдӯзӣ** | шитьё одежды | *sewing clothes [ˈsəʊɪŋ kləʊ(ð)z]* |
| **Либоси расмӣ** | официальная одежда | *official clothing [əˈfɪʃ(ə)l ˈkləʊðɪŋ]* |
| **Либосовезак** | вешалка | *coat-hanger [ˈkəʊt ˈhæŋə]* |
| **Лижа** | лыжи | *ski [ski:]* |
| **Лижаронӣ** | катание на лыжах | *skiing [ˈski:ɪŋ]* |
| **Лимӯ** | лимон | *lemon [ˈlemən]* |
| **Лола** | тюльпан | *tulip [ˈtu:lɪp]* |
| **Луғат** | словарь | *dictionary [ˈdɪkʃ(ə)n(ə)rɪ]* |
| **Лӯбиё** | фасоль | *bean [bi:n]* |

М

| | | |
|---|---|---|
| **Мавод** | материал | *material [məˈtɪrɪəl], stuff [stʌf]* |
| **Майдон** | площадь | *square [skweə]* |
| **Мактаб** | школа | *school [sku:l]* |
| **Мактуб** | письмо | *letter [ˈletə]* |
| **Манзара** | пейзаж | *landscape [ˈlæn(d)skeɪp]* |
| **Маориф** | образование | *education [edʒʊˈkeɪʃ(ə)n]* |

***Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.09.2022, №1337 омӯзиш ва азёд кардани 400 вожаи серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм ҳатмӣ дониста шудааст.***
***Муҳлати омӯзиш ва азёд кардани луғат то санаи 31.12.2022 муайян шудааст.***

## РАҲНАМОЕ БАРОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз муҳимтарин омилҳо барои фаро гирифтани дониш, хабару иттилоот ва навигариҳои илмию фаннӣ ба шумор рафта, барои боз ҳам бештар баркарор кардани иртиботҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ бо кишварҳои дигар мусоидат менамояд. Ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиш ва донистани забонҳои хориҷиро барои насли ояндасози кишвар зарур шуморида, ҷиҳати азхуд кардани онҳо пайваста дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсоз медиҳанд.

Қабул гардидани "Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 августи соли 2019, №438) Вазорати маориф ва илм ва дигар вазорату идораҳоро водор месозад, ки барои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русию англисӣ тамоми шароитҳоро фароҳам созанд.

Дар ин росто, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омӯзиш ва донистану такмили забонҳои русию англисӣ дастури раҳнамои "Луғати вожаҳои серистеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ"-ро омода карда, донистани онро барои тамоми омӯзгорону хонандагон ва донишҷӯён ҳатмӣ эълон мекунад.

Луғати мазкур 400 вожаи серистеъмолеро дар бар гирифтааст, ки онҳо дар зиндагии рӯзмарра бо забони модарӣ пайваста мавриди истифода қарор мегиранд ва маънои онҳо маълуму фаҳмо аст. Ҳамзамон, донистани ин калимаҳо маҳорату малакаи забономӯзиро ташаккул дода, зимни азёд кардани вожаҳо шавку рағбат барои донистани забонҳои русию англисӣ боз ҳам афзунтар мегардад. Яъне луғати мазкур чун як раҳнамо хидмат хоҳад кард.

Шакли электронии ин луғат дар сомонаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сомонаҳои муассисаҳои зерсохтори он ҷо карда шудааст.

Дар баробари ин, аз ҳамаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон тақозо карда мешавад, ки дар амалигардонии ин иқдоми вазорат масъулияти баланд нишон дода, зимни азёд кардани луғатҳо хонандагону донишҷӯёнро раҳнамоӣ ва назорат намоянд.

Дар иҷрои ин амали нек ва иқдоми боманфиат дар самти омӯзиши забонҳои русию англисӣ ба шумо барору комёбӣ орзу менамоем.

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˈfemənın]* |
| **Занг** | звонок | *bell [bel]* |
| **Занг задан** | звонить, сделать телефонный звонок | *to make a phone call [tu meik ə fəun kɔ:l], to call [tu kɔ:l] , to phone [tu fəʊn]* |
| **Зарар** | вред, ущерб; потеря | *harm [ha:m], damage [ˈdæmɪdʒ], injury [ˈɪn(d)ʒ(ə)rɪ]; loss [lɒs]* |
| **Зарб** | умножение (мат.) | *multiplication (math.) [ˌmʌltɪplɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Зард** | жёлтый | *yellow[ˈjeləʊ]* |
| **Зарур (зарурият)** | необходимо (необходимость) | *necessary [ˈnesəs(ə)rɪ], (necessity [nɪˈsesɪtɪ])* |
| **Зарф** | посуда, столовые приборы; наречие (грамм.) | *dish [dɪʃ], dishes [dɪʃiz], tableware [ˈteɪb(ə)lweə]; adverb (gram.) [ˈædvɜ:b]* |

### И

| | | |
|---|---|---|
| **Истироҳат** | отдых | *rest [rest], relaxation [ˌri:lækˈseɪʃn]* |
| **Истироҳат кардан** | отдыхать | *to rest [tu rest], to relax [tu rɪˈlæks];* |
| **Истироҳатгоҳ** | место для отдыха или релаксации | *place to rest or relax [pleis tu rest ɔ: rɪˈlæks]* |
| **Итоат** | послушание, подчинение | *obedience [əˈbi:diəns], submission [səbˈmɪʃ(ə)n]* |
| **Иттилоотӣ** | информаци-онный | *Informational [ˌɪnfərˈmeɪʃənl]* |
| **Ихтисос** | специальность | *speciality [ˌspeʃiˈælɪtɪ]* |
| **Иҷро кардан** | исполнять, выполнять | *to execute [tu ˈeksɪkju:t], to fulfil [tu fʊlˈfil], to carry out [tu ˈkærɪæʊt]* |
| **Иҷозатномаи сафар, раводид** | разрешение на въезд, виза | *visa [ˈvi:zə]* |
| **Иҷозат додан** | разрешать | *to allow [tu əˈlaʊ], to permit [tu pəˈmɪt];* |
| **Иҷозат, иҷозат пурсидан** | разрешение, спросить разрешение | *permission [pərˈmɪʃn], to ask permission [tua:sk pərˈmɪʃn];* |
| **Илтимос** | пожалуйста | *please [pli:z]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Маош** | заработная плата | *salary [ˈsælərɪ], wages [ˈweɪdʒɪz]* |
| **Мардум** | люди | *people [ˈpi:p(ə)l]* |
| **Маҷлис** | собрание, совещание | *meeting [ˈmi:tɪŋ]* |
| **Меҳмон** | гость | *guest [gest]* |
| **Меҳмонхона** | гостиная, гостиница | *living room [ˈlɪvɪŋ ru:m], hotel [həʊˈtel]* |
| **Меҳнат** | труд, работа | *labour [ˈlei.bə],work [wɜ:k]* |
| **Миллат** | нация, националь-ность | *nation [ˈneɪʃ(ə)n], nationality [næʃəˈnælɪtɪ]* |
| **Минтақа** | местность, регион | *area [ˈeərɪə], region [ˈri:dʒ(ə)n]* |
| **Модаркалон** | бабушка | *grandmother [ˈgræn(d)mʌðə]* |
| **Мулоқот, вохӯрӣ** | встреча | *meeting [ˈmi:tɪŋ]* |
| **Муошират** | общение, коммуникация | *communication[kəˌmju:nɪˈkeɪʃn]* |

### Н

| | | |
|---|---|---|
| **Набера** | внук, внучка | *grandchild [ˈgræn(d)tʃæɪld]* |
| **Нав** | новый | *new [nju:]* |
| **Навбатдор** | дежурный | *duty [ˈdju:tɪ]* |
| **Намак** | соль | *salt [sɔ:lt]* |
| **Нарх** | цена | *price [praɪs], cost [kɒst]* |
| **Насаб** | фамилия | *surname [ˈsɜ:neɪm]* |
| **Нафар** | человек, персона | *person [pɜ:sn]* |
| **Нашр** | публикация | *publication [ˌpʌblɪˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Нигоҳ доштан** | хранить, удерживать | *to keep [ ki:p], to hold [ həʊld]* |
| **Нишастан** | сидеть | *to sit [sɪt]* |
| **Нишонӣ** | адрес | *address [əˈdres]* |
| **Нодуруст** | неправильный | *false [fɔ:ls], incorrect [ɪnkəˈrekt]* |
| **Нӯшидан** | пить | *to drink [drɪŋk]* |
| **Нотарс** | храбрый | *brave [breɪv]* |
| **Намоянда** | представитель | *representative [reprɪˈzentətɪv]* |

### О

| | | |
|---|---|---|
| **Об** | вода | *water [ˈwɔ:tə]* |
| **Обу хаво** | погода | *weather [ˈweðə]* |
| **Овоз** | голос | *sound [saʊnd], noise [nɔɪz]* |
| **Оғоз** | начало | *beginning [bɪˈgɪnɪŋ], start [sta:t]* |
| **Одам** | человек | *man [mæn], person [ˈpɜ:sn]* |
| **Одат** | привычка | *custom [ˈkʌstəm]* |
| **Одоб** | воспитанность | *courtesy [ˈkɜ:rtəsɪ]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Ҳақ** | истина, правда | *right [raɪt], privilege [ˈprɪvɪlɪdʒ]* |
| **Ҳаққи хизмат** | заработная плата, оклад | *wages [weidʒ]* |
| **Ҳақиқат** | правда | *truth[tru:θ], reality [rɪˈælɪtɪ]* true *[tru]* |
| **Ҳама** | весь, вся, всё | *all[ɔ:l], everyone[ˈevrɪwʌn], everything [ˈevrɪθɪŋ]* |
| **Ҳамкор** | коллега, сотрудник | *colleague [ˈkɔli:g], coworker [ˈkəuˈwɜ:kə]* |
| **Ҳамкорӣ** | сотрудничество | *cooperation [kəʊˌɒpəˈreɪʃn]* |
| **Ҳамоҳангсоз** | координатор | *co-ordinator [kəuˈɔ:dɪneɪtə]* |
| **Ҳамроҳ** | вместе, спутник | *together[təˈgeðə], travelling companion [ˈtræv(ə)lɪŋkəmˈpænɪən]* |

### Ч

| | | |
|---|---|---|
| **Чӯб** | палка, древесина | *wood[wud]* |
| **Чӯпон** | пастух | *shepherd [ˈʃepəd]* |
| **Чутка** | щётка | *brush [brʌʃ]* |
| **Чӯҷа** | цыплёнок | *chick [ʧik]* |

### Ҷ

| | | |
|---|---|---|
| **Ҷавоб** | ответ | *answer [ˈa:nsə]* |
| **Ҷавон** | молодой | *young [jʌŋ]* |
| **Ҷавонӣ** | молодость | *youth [juθ]* |
| **Ҷадвал** | линейка | *ruler [ˈru:lər]* |
| **Ҷамъ** | совокупность, сумма, итог | total [toutl] |
| **Ҷамъият** | общество | *society [səˈsaɪətɪ]* |
| **Ҷанг** | война | *war [wɔ:]* |
| **Ҷануб** | юг | *South [sauθ]* |
| **Ҷонишин** | заместитель директора | *deputy director [ˈdepjutɪ d(a)ɪˈrektə]* |
| **Ҷонибдор** | сторонник | *supporter [səˈpɔ:tə]* |
| **Ҷорӣ** | текущий | *folowing [ˈfɔləuɪŋ]* |
| **Ҷорӯб** | веник | *broom [bru(:)m]* |
| **Ҷумҳурӣ** | республика | *republic [rɪˈpʌblɪk]* |
| **Ҷуворӣ** | кукуруза | *corn [kɔ:n]* |
| **Ҷумъа** | пятница | *Friday [ˈfraɪdɪ]* |

| | | |
|---|---|---|
| **Бача** | ребёнок, мальчик | *child[ʧaɪld], son [sʌn], boy [bɔɪ]* |
| **Бачагона** | детский | *childish [ˈtʃaɪldɪʃ], children's ['ʧildrənz], for a child [fɔ:(r) əʧaɪld]* |
| **Башардӯстона** | Гуманистический | *humanitarian [hju:'mænɪ'te(ə) rɪən]* |
| **Беморхона** | больница | *hospital ['hɔspɪtl]* |

**В**

| | | |
|---|---|---|
| **Вай** | он, она, оно, его, её | *he [hi:], she [ʃi:], it; [ɪt him [hɪm], her [hɜ:]* |
| **Варақ** | лист | *leaf [li:f]* |
| **Варзиш** | спорт | *sport [spɔ:t]* |
| **Варзишгар** | спортсмен | *sportsman ['spɔ:tsmæn]* |
| **Васл** | связь | *relations [rɪˈleɪʃənz]* |
| **Ватан** | родина | *homeland ['həumlənd], motherland ['mʌðəlænd]* |
| **Ватанӣ** | отечественный | *domestic [dəˈmestɪk], native [ˈneɪtɪv], Patriotic [pætri'ɔtik]* |
| **Ваҳдат** | единство | *unity ['ju:nɪtɪ] reconciliation ['rekənsɪlɪ'eɪʃ(ə)n* |
| **Ваъда** | обещание | *promise ['prɔmɪs]* |
| **Вилоят** | область, край | *region ['ri:ʤ(ə)n], province ['prɔvɪns]* |
| **Вобаста** | зависимый | *dependent [dɪˈpendənt], related [rɪ'leɪtɪd]* |
| **Воқеа** | событие | *event, [ɪ'vent] incident ['ɪnsɪd(ə)nt]* |
| **Воқеъ будан** | быть расположенным | *to be located[tə'bi: [ləu'keɪtid] , to be situated [tə'bi: 'sɪtueɪtid]* |
| **Волидайн** | родители | *parents ['pe(ə)rənts]* |
| **Вохӯрдан** | встретить | *to meet with smb[tu mi:t wɪð smb]* |
| **Вохӯрӣ кардан** | встречаться | *to greet [tu gri:t], to shake hands [tu ʃeɪk hændz]* |

**Г**

| | | |
|---|---|---|
| **Газета** | газета | *newspaper ['nju:s'peɪpə]* |
| **Галстук** | галстук | *tie [taɪ]* |
| **Гап задан** | разговаривать | *to speak [tu spi:k]* |





| | | |
|---|---|---|
| **Гардан** | шея | *neck[nek]* |
| **Гарданбанд** | ожерелье | *necklace ['neklɪs]* |
| **Гарм (сӯзон)** | теплий (жаркий) | *hot [hɔt],warm [wɔ:m]* |
| **Гард** | пыль | *dust [dʌst]* |
| **Гирду атроф** | окресности, пригород | *suburbs [ˈsʌbɜ:bz]* |
| **Гирифтан (гир)** | взять | *to take [tu teɪk]* |
| **Гиря кардан** | плакать | *to cry [tu kraɪ]* |
| **Гул** | цветок | *flower ['flauə]* |
| **Гулдон** | ваза | *vase [va:z]* |
| **Гӯянда** | говорящий, произносящий | *narrator [nə'reɪtə], speaker ['spi:kə]* |
| **Гӯсфанд** | овца, баран | *sheep [ʃi:p]* |
| **Гӯшт** | мясо | *meat [mi:t]* |

**Ғ**

| | | |
|---|---|---|
| **Ғайрирасмӣ** | неофициальный | *unofficial ['ʌnə'fɪʃ(ə)l]* |
| **Ғарб** | запад | *west [west]* |
| **Ғижак (асбоби мусиқӣ)** | скрипка | *violin ['vaɪə'lɪn ]* |
| **Ғунҷидан (гунҷ)** | помещаться | *place [pleɪs], to contain [tu kən'teɪn]* |
| **Ғубор** | пасмурный | *cloudy [kloudē]* |

**Д**

| | | |
|---|---|---|
| **Давлат** | государство | *state [steɪt], country ['kʌntrɪ]* |
| **Давра** | круг, круговорот | *circle [ˈsɜ:rkl], rotation [rəu'teɪʃ(ə)n]* |
| **Давр задан** | прогуляться | *to go around [tu gəu ə'raund] a walk [əwɔ:k]* |
| **Дараҷа** | степень | *degree [dɪ'gri:]* |
| **Даркор** | необходимый, нужный | *necessary ['nesəs(ə)rɪ],needed [ni:did]* |
| **Дароз** | длинный | *long [lɔŋ]* |
| **Дароз кашидан** | полежать | *to lie down [tu laɪ daun]* |
| **Дафтар** | тетрадь | *note-book [nəut buk]* |
| **Девор** | стена | *wall [wɔ:l]* |
| **Деҳа** | деревня | *village ['vɪlɪʤ]* |
| **Диққат** | внимание | *attention [ə'tenʃ(ə)n]* |
| **Дил** | сердце | *heart [ha:t]* |
| **Дирӯз** | вчерашний день | *yesterday ['jestədɪ]* |
| **Даво** | лекарство | *medicine, ['meds(ə)n] remedy* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[vəˈkeɪʃ(ə)n]* |
| **Рӯй, рӯ** | лицо | *face [feɪs]* |
| **Рӯз** | день | *day [deɪ]* |
| **Рӯзи корӣ** | рабочий день | *working day ['wɜ:kɪŋdeɪ]* |
| **Рӯзнома** | дневник, газета | *school record book [sku:l ˈrekɔ:dbʊk], newspaper ['nju:s'peɪpə]* |

**С**

| | | |
|---|---|---|
| **Савол** | вопрос | *question ['kwesʧ(ə)n]* |
| **Саёҳат кардан** | путешествовать | *to travel [ tu 'træv(ə)l]* |
| **Сайёҳ** | турист | *tourist ['tu(ə)rɪst]* |
| **Санҷиш** | тест | *quiz [kwɪz], test [test]* |
| **Санъат** | искусство | *art [a:t]* |
| **Сар** | голова | *head [hed]* |
| **Сару либос** | одежда | *clothes [kləu(ð)z]* |
| **Сартарошхона** | парикмахерская | *barber ['ba:bə]* |
| **Сарҳад** | граница | *border ['bɔ:də]* |
| **Саҳифа** | страница | *page [peɪʤ]* |
| **Синф** | класс | *class[kla:s]* |
| **Сохтмон** | строительство | *construction [kən'strʌkʃ(ə)n]* |
| **Сулҳ** | мир | *peace [pi:s]* |
| **Суруд** | песня | *song [sɔŋ]* |
| **Сурх** | красный | *red [red]* |
| **Сӯзан** | игла | *needle [ni:dl]* |

**Т**

| | | |
|---|---|---|
| **Табассум** | улыбка | *smile [smaɪl]* |
| **Табиат** | природа | *nature ['neɪʧə]* |
| **Табиб** | врач | *doctor [ˈda:ktər], physician [fɪ'zɪʃ(ə)n]* |
| **Табрик** | поздравление | *congratulations [kən'grætju'leɪʃ(ə)n]* |
| **Таклиф кардан** | пригласить | *to invite [ tu ɪnˈvaɪt ]* |
| **Такрор** | повтор | *repetition ['repɪ'tɪʃ(ə)n]* |
| **Такрор кардан** | повторить | *to repeat [ turɪ'pi:t]* |
| **Тамошо** | смотреть, зрелище | *watch [wa:tʃ],see [si:];spectacle ['spektək(ə)l]* |
| **Тан** | тело | *body ['bɔdɪ]* |
| **Тару тоза** | свежий | *fresh [freʃ]* |
| **Тарафдор** | сторонник | *supporter [sə'pɔ:tə]* |
| **Тарбия** | воспитание | *upbringing [ˈʌpbrɪŋɪŋ],education* |





| | | |
|---|---|---|
| | | *[ˌedʒʊˈkeɪʃn]* |
| **Тарозу** | весы | *scales [skeɪlz]* |
| **Тарҷума** | перевод | *translation [træns'leɪʃn]* |
| **Таҳсил** | учёба | *studies ['stʌdɪs],learning [ˈlɜ:rnɪŋ]* |
| **Таҳсил кардан** | учиться | *to study [ tu 'stʌdɪ]* |
| **Таҷриба** | опыт | *experience [ɪk'spɪ(ə)rɪəns]* |
| **Таътил** | каникулы | *holiday ['hɔlɪdɪ], vacation [və'keɪʃ(ə)n](for students)* |
| **Тоза** | чистый | *clean [kli:n]* |

**У**

| | | |
|---|---|---|
| **Узр** | извинение, прощение | *apology [ə'pɔləʤɪ], excuse [ɪk'skju:s]* |
| **Уқёнус** | океан | *ocean ['əuʃ(ə)n]* |
| **Улум** | науки | *sciences ['saɪəns]* |
| **Умр** | жизнь | *life [laɪf]* |
| **Умр дидан** | жить | *to live [ tu lɪv ]* |
| **Умуман** | вообще, в целом | *in general [ ɪn 'ʤen(ə)rəl], overall ['əuvə'rɔ:l]* |
| **Умумӣ** | общий | *general['ʤen(ə)rəl], public ['pʌblɪk]* |
| **Урф** | обычай, обряды | *customs ['kʌstəmz], habits ['hæbɪt]* |
| **Усто** | мастер | *master ['ma:stə], foreman ['fɔ:mən], skilled workman [skɪldwɜ:kmən]* |
| **Устохона** | мастерская | *workshop ['wɜ:kʃɔp]* |
| **Устод** | учитель, наставник | *teacher ['ti:ʧə],mentor [ˈmentɔ:r]* |
| **Устувор** | прочный, устойчивый | *steady['stedɪ], firm[fɜ:m]* |
| **Устухон** | кость | *bone [bəun]* |
| **Уҳда** | объязательство | *duty ['dju:tɪ], responsibility [rɪ'spɔnsə'bɪlɪtɪ], task [ta:sk], job [dʒɒb]* |
| **Ӯ** | он, она | *he [hi:], she [ʃi:]* |

**Ф**

| | | |
|---|---|---|
| **Фаҳмидан** | понимать | *to understand[tu 'ʌndə'stænd]* |
| **Фаҳмондан** | объяснить | *to explain [tuɪk'spleɪn]* |
| **Фардо** | завтра | *tomorrow [tə'mɔrəu]* |
| **Фарёд** | крик, возглас | *cry [kraɪ], shout[ʃaut], yell [jel]* |
| **Фарзанд** | ребёнок | *child [ʧaɪld]* |
| **Фаромадан** | спускаться, сходить | *to go down [ tugəu daun], to get off [ tu getɔf]* |
| **Фарҳанг** | культура | *culture ['kʌlʧə]* |
| **Фарш** | пол, покрытие | *floor [flɔ:]* |
| **Фасл** | сезон, время года | *season['si:z(ə)n]* |

ҲАМОВОЗӢ

# Қаламрави Тоҷикистон тақсимнопазир аст!

## (Дар ҳошияи мақолаи Абдуллоҳи Раҳнамо «Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?»)

*Дӯст доштани Ватан ва ҳифзи он вазифаи ҷонии ҳар як шахси ватандӯсту худогоҳ мебошад. Зеро Ватан модари мо, ҳастии мо ва сарсабзиву шукуфоии мост. Дар дарозои таърих халқи тоҷик бар зидди ҳеҷ қавму миллате ҳуҷум накардааст, баръакс, борҳо аҷнабиён ба сарзамини паҳновари тоҷикон дасти таҷовуз дароз кардаву биноҳои обод, мадрасаву кӯшк, китобхонаю маъбадҳоро вайрону хароб кардаанд.*

Ин далели он аст, ки тоҷикон миллати ваҳдатофару ваҳдатсоз мебошанд. Тоҷикистон рисолати ҳамсоядориро ба ҷо овардаву ҳеҷ гоҳ беэҳтиромиро нисбат ба ҳамсоякишварҳо раво надидааст. Вале баҳси марзӣ бо Қирғизистон, ки чанд соли охир ба масъалаи доғ табдил ёфтааст, тамоми ҷомеаи Тоҷикистонро ба ташвишу нигаронӣ мувоҷеҳ сохтааст. Зеро ҷониби Қирғизистон шартномаву ёддоштҳои тафоҳумро нодида мегирад ва мунтазам вазъро ноором мекунад. Воқеан, рӯшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур ва ҳифзи ҳар порчаи замини Ватан вазифаи мо – тоҷикистониён маҳсуб меёбад. Дар доираи масъалаи баҳси марзӣ маълумоти пурраву комил вуҷуд надошт. Мақолаи донишманди тоҷик, коршиноси масоили байналмилалӣ Абдуллоҳи Раҳнамо бо номи «Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?» паҳлуҳои торики ин масъаларо барои мо бармало намуд. Гумон мекунем, ки омӯхтани он барои ҳар тоҷику тоҷикистонӣ муҳим ва судманд мебошад. Дар мақола аз чанд зовия масъалаи мазкур ба таври фарогир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, бо далелҳои раднопазир мавқеи Тоҷикистонро дар ин масъала собит менамояд. Дарвоқеъ, дар навиштаи сиёсатмадори варзида дар бораи 211 ҳазор гектар замин сухан меравад, ки хеле масоҳати калон мебошад. Тавре ки муҳаққиқ дар мақолаи пурмуҳтавои хеш зикр намудааст:

**«Моҳияти содаи низои печидаи марзӣ байни ду давлати ҳамсоя аз он иборат аст, ки мувофиқи ҳуҷҷатҳои расмии муайянкунандаи сарҳади байни ин ду кишвар, имрӯз ҳудуди 211 000 гектар замини қаламрави қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёр ё истифодабарии Ҷумҳурии Қирғизистон қарор дорад. (Маҳз ҳамин рақам 23.09.2022 дар суханронии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷмаи умумии СММ садо дод). Тибқи санадҳои расмӣ, ин заминҳо, ки ҳамчун «қитъаҳои баҳсӣ» ёдоварӣ мешаванд, ҳоло 84 000 га замин дар мавзеи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (асосан аз ҳисоби ҷамоати Хистеварз ё Қистакӯзи собиқ), 56 000 гектар замин дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ (асосан минтақаи ҷангалзори Андарак), 61 000 гектар замин дар ҳудуди шаҳри Исфара (асосан аз ҷамоатҳои Сурх, Чоркӯҳ ва Ворух), баъзе қитъаҳои нисбатан хурди дигар дар ноҳияҳои Ҷаббор Расулов, Спитамен ва ғайраро дар бар мегиранд».**



Аз ҳамин маълумоти дақиқ зуд дарк мекунем, ки масъала ҷиддист ва он танҳо баҳси Воруху Хистеварз нест, балки фаротар аз он буда, масоҳати хеле калони замини Тоҷикистон дар ихтиёри Қирғизистон қарор дорад. Ин заминҳои дар ихтиёри Қирғизистон қарордошта, даҳ баробари ҳудуди шаҳри Душанбе ё масоҳати шаҳрҳои Исфара, Конибодом, Хуҷандро дар бар мегирад. Кишвари ҳамсоя пофишорӣ намуда, ҳуҷҷатҳои раднопазирро, ки дар асоси Конститутсияи ИҶШС таҳия ва қабул шудаанд, ба инобат намегирад. Баҳсҳо дар атрофи масъалаи марзӣ дар мақола ба таври фарогир таҳлил шудаанд. Донишманди тоҷик ҳар санаду далелро амиқан таҳлил намуда, собит кардааст, ки Тоҷикистон дар ин масъала дар мавқеи одилона қарор дорад. Дар баробари ин, дар мақолаи Абдуллоҳи Раҳнамо раванди ба вуҷуд омадани баҳси марзӣ ба таври муфассал ва бо арқому далоили муътамад баррасӣ гардидааст. Аз омӯзишу мутолиаи он метавон бисёр масъалаҳои норӯшани баҳсиро маърифату дарк кард.

Нуктаи дигари муҳим дар мақолаи мазкур ҳусни тафоҳуми Тоҷикистон ва суннату анъанаи неки ҳамсоядории Тоҷикистон мебошад. Дар мақола зикр шудааст: **«Албатта, рафти музокироти чандсола нишон медиҳанд, ки ҷониби Қирғизистон ба мафҳуми “марзҳои мавҷуда” асосан дар ҳолатҳое таъкид ва такя мекунад, ки ба манфиати ин кишвар бошад. Масалан, дар музокироти соли 2003 ҷониби Қирғизистон талаб намуд, ки бо сабаби ба поён расидани муддати иҷора, 50 000 гектар замине, ки Тоҷикистон дар водии Олой (Мурғоб) аз Қирғизистон ба муҳлати 50 сол (аз соли 1942) ба иҷора гирифта буд, ҳатман ба ин кишвар баргардонда шавад. Ҷониби Тоҷикистон дар ин масъала ҳусни ҳамсоягӣ ва қонунписандӣ нишон дода, соли 2004 ин заминро бо тантана ба Қирғизистон баргардонд. Дар ин раванд, ҳатто ба сокинони ин минтақа ихтиёр дода шуд, ки шаҳрвандии Қирғизистонро қабул карда, ҳамроҳи ин замин ба он кишвар гузаранд”.**

Аз ҳамин далоил маълум мегардад, ки Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ дар масъалаи ҳамсоядорӣ хиёнат накардааст ва шартномаҳои байнидавлатӣ ва уҳдадориҳои ҳамсоядориро риоя намудааст. Аммо ҷониби Қирғизистон ба ин нукта таваҷҷуҳ намекунад ва ба ҳеҷ ваҷҳ заминҳои воқеии кишвари моро баргардонданӣ нест. Барои баҳсро доман задан, ҷониби Қирғизистон роҳу воситаҳои гуногунро истифода мекунад, то ин масъаларо ба манфиати худ ҳал кунад.

Дар мақола ба ҳуҷҷатҳое такя шудаст, ки бевосита дар заминаи ёддошти тафоҳуми байнидавлатӣ ва ҳудуди маъмурии он дар замони Шуравӣ ҷудо гардида буд. Масалан, ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1932 нишон медиҳанд, ки 211 ҳазор гектар замини Тоҷикистон маҳсуб ёфта, аҳолии аксари онҳо тоҷик мебошад, ки далели дигари ин гуфтаҳост.

Аз муҳтавои мақола бармеояд, ки ҷониби Қирғизистон бо ташкили вилояти Боткент дар соли 1999, ки заминҳои Тоҷикистонро дар бар гирифтааст, якравӣ намуда, он заминҳоро баргардониданӣ нест. Дуюм, ба он нафароне, ки дар ин вилояти кору зиндагӣ мекунанд, имтиёзҳо пешниҳод шудааст. Сеюм, дар асоси Қонуни нави ин кишвар, ки 20-уми октябри соли 2022 қабул гардидааст, бо яроқ таъмин намудани аҳолии вилоят иҷозат дода шудааст.

Ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда бозгӯйи онанд, ки аксари аҳолии ин минтақа тоҷиканд ва то солҳои 80-ум қирғизҳо дар ин ҳудуд ангуштшумор будаанд. Тоҷикистон танҳо дар асоси ҳуҷҷату аснод заминҳои худро талаб дорад.

Дарвоқеъ, мақолаи мазкур дорои аҳамияти баланди таърихиву илмӣ ва сиёсӣ мебошад ва бояд дар доираи курсу семинарҳои махсус ва конфронсу ҳамоишҳои илмӣ дар макотиби олӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад. Инчунин, донистану омӯхтани ин матлаб аз ҷониби тамоми қишрҳои ҷомеа амри воқеист

Мақола дар заминаи ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва далелҳои раднопазир иншо гардида, роҳи ҳаллу воқеъбинонаи масъаларо нишон медиҳад.

Овардани харитаҳои қитъаҳои баҳсӣ дар солҳои гуногун, мушаххас мекунанд, ки ин қаламрав бе ҳеҷ шакку шубҳа ба Тоҷикистон тааллуқ дорад.

**Тарҷумаи ин мақола бо забонҳои (бо русӣ аллакай тарҷума шудааст) англисиву арабӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ манфиатбор буда, дар шакли китобчаи алоҳида чоп кардани он айни муддаост.**

Воқеан, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи матлаби Абдуллоҳи Раҳнамо, ки ҳукми як рисолаи илмиро доро мебошад, барои ватандӯстию хештаншиносии насли наврас ва ҷавонон, ҳифз намудани ҳар як порчаи хоки Ватан аҳамияти бузург дорад. Донистани таъриху фарҳанг ва дӯст доштани Ватани азизамон – Тоҷикистон рисолати меҳанпарваронаи ҳар яки мост.

***Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА,***
***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***“Омӯзгор”***

РИСОЛАТ

# Мактаб ба ту медиҳад илму адаб

*Таърих гувоҳ аст, ки нахустин маконҳои омӯзишу бардошти илму маърифат дар Шарқи қадим, аз ҷумла, дар Хитой, Бобул, Миср ба вуҷуд омадаанд.*

Дар Осиёи Миёна, дар сарзаминҳои ориёинишин дар ибтидо мактабҳои хусусӣ, мадраса ва қорихонаҳо мавҷуд буданд. Ба ибораи сайёҳи Хитой, соли 630 дар яке аз шаҳрҳои қадим, Самарқанд “Бачаҳо аз 5-солагӣ хондан, навиштан ва ҳисобро машқ мекарданд”. Тарзи таълими мактабҳои хусусӣ аз «Мактаби кӯҳна»-и устод Садриддин Айнӣ маълум аст.

Раванди сиёсати ҷаҳонӣ дар ҳар давру замон тамоми бахшҳои давлатдориро метавонад тағйир диҳад ва ҳамин буд, ки баъд аз инқилоби октябр раванди рушди мактабу фарҳанги мо низ ба куллӣ тағйир ёфт ва намояндаи барҷастаи ин сохтори навин устод Айниро ном бурдан мумкин аст. Таъсиси мактабҳои нав дилу дидаи мардумро равшан намуд, устод Айнӣ дар ин хусус чунин гуфтааст:

“Мактаб ҷоест, ки аз барои фоидаи мо кардаанд. Ҷои ёд гирифтани илм мактаб аст. Мо бояд мактабро дӯст дорем. Ҳурмати мактабро нигоҳ дорем. Асло аз мактаб нагурезем”.

Аз суханҳои боло маълум аст, ки дар ин махзани адаб сухан танҳо ва танҳо аз илму адаб ва одаму одамгарӣ ва падидаҳои неки инсонӣ меравад. Муқаддас доштани ин макон барои аҳли башар, алалхусус, дар замони муосир, ки моро хатарҳои даҳшатбори глобалӣ таҳдид карда истодааст, ҳатмист. Дар ин боргоҳ омӯзгори асилу босавод метавонад инсонро ба худаш шиносонад ва дар дили ӯ муҳаббат ва арзиши ҳама чизро муайян намояд, чӣ арзиши зиндагӣ, чӣ арзиши одаму одамгарӣ, чӣ арзиши падидаҳои гуногуни зиндагӣ, чӣ арзишӣ худшиносию худогоҳӣ, чӣ арзиши ватандорию ватанпарварӣ бошад.

Айни ҳол маориф ва мактаб яке аз самтҳои муҳим ва устувори давлату миллат маҳсуб меёбад ва хурдтарин бетаваҷҷуҳӣ ба ин соҳа метавонад давлату миллатро ба ҳама хатарҳо дучор намояд. Мо, омӯзгоронро лозим аст, ки пайваста ҳам ба хонандагону донишҷӯён ва ҳам ба волидайни онҳо моҳияту масъулият ва дар замони муосир арзиши баланд доштани мактабу маорифро дуруст бифаҳмонем, то ки раванди таълиму тарбия боз ҳам беҳтару хубтар гардад. Маҳз дар натиҷаи ҳамкории волидайн бо мактаб ва омӯзгор метавонад заминаи хуби таълиму тарбияро фароҳам овард.

***Маҳбуба ОЛИМОВА,***
***мудири кафедраи филологияи коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе***

**Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 қабул гардид.**

*Одами бад монанди зуғол аст; агар насӯхт, сиёҳ мекунад.*
Анахарсис

«Омӯзгор»
№ 50, 15 декабри
соли 2022

МУШКИЛОТ

# Норасоии адабиёти таълимӣ: Кӣ гунаҳгор? Вазорат ё муассисаи таълимӣ?

***Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм сиёсати давлатиро дар соҳаи адабиёти таълимӣ амалӣ гардонида, дастрасии адабиёти таълимиро барои субъектҳои раванди таълиму тарбия таъмин менамояд.***

Аз ин ҷост, ки дар баробари даҳҳо самтҳои ислоҳталаби соҳаи маориф яке аз масъалаҳое, ки барои рафъи он роҳбарияти Вазорати маориф ва илми кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст, бартараф кардани норасоии адабиёти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад.

Албатта, дастовардҳои Вазорати маориф ва илм, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар самти таҳия ва нашри адабиёти таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ рӯйи кор омадаанд, хеле назаррасанд. Танҳо нашри адабиёти таълимӣ дар ин муддат (аз соли 2000-ум то 2022) 754 номгӯй (бо назардошти нашрҳои такрорӣ) ба миқдори 52 млн. 974 ҳазору 39 нусха ба маблағи 496 млн 807 ҳазору 664 сомониро ташкил медиҳад.

То якуми декабри соли 2022 аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 56 номгӯй китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо теъдоди 4 млн 913 ҳазору 188 нусха ба маблағи 103 млн 947 ҳазору 285 нусха нашр шудааст, ки дар таърихи Вазорат бесобиқадонистамешавад. Нашри адабиёти таълимӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 19 номгӯй ба маблағи 60 млн 458 ҳазору 903 сомонӣ зиёд аст.

Барои таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо китоби дарсӣ дар соли таҳсили 2022 – 2023 аз ҷониби шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 4 млн 508 ҳазору 260 нусха дархост пешниҳод шуда буд. Аз ҷониби Вазорати маориф ва илм то моҳи ноябри соли 2022 ба миқдори 4 млн 55 ҳазору 58 нусха китоби дарсӣ таъмин карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 млн 450 ҳазору 626 нусха зиёд аст. Яъне, дар муқоиса ба дархости пешниҳодкардаи раёсату шуъбаҳои маориф таъминоти китобҳои дарсӣ 89 фоиз иҷро шудааст.

Дар баробари ин ҳама иқдомоти назаррас роҳбарияти Вазорати маориф ва илм барои беҳбудии соҳа, хусусан бартараф намудани норасоии адабиёти таълимӣ корҳои зиёдеро дар оянда ба нақша гирифтааст. Барои мисол танҳо дар соли 2022 бо супориши бевоситаи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани мушкилоти норасоии адабиёти таълимӣ 12 семинари минтақавӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (ба истиснои ВМКБ) ва ду семинари ҷумҳуриявӣ – яке дар ноҳияи Варзоб ва дигаре дар шаҳри Душанбе бо иштироки масъулини бахши китобдории раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор карда шуд.

Дар асоси семинарҳои баргузоргардида бо дарназардошти фикру пешниҳодҳои мушовирони бахши китобдории раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳуҷҷати меъёрии «Тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣ ва маблағҳои гардони китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ» куллан бознигарӣ шуда, 8-уми сентябри соли 2022 таҳти №1187 аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шуд. Дар ҳуҷҷати меъёрии мазкур ҳамчун роҳнамо барои китобдорон вазифаҳои масъулин, шуруъ аз Вазорати маориф ва илм то раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таъминоти адабиёти таълимӣ, ҳуҷҷатгузорӣ ва назорати дурусти ҷамъоварии маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ ба таври муфассал оварда шудааст.

Ҳарчанд аз соли 2000-ум инҷониб раванди чопи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба низоми муайян даромада, бомаром идома дорад, аммо бо назардошти мавҷуд будани якчанд омил норасоии баъзе аз китобҳои дарсӣ ҳанӯз аз байн нарафтааст.

Тибқи таҳлилҳо як сабаби ба вуҷуд омадани норасоии адабиёти таълимӣ афзоиши шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Бо сабаби афзоиши шумораи хонандагон ҳамасола муассисаҳои таълимии зиёд сохта ба истифода дода мешаванд. Аз рӯ, талабот ба китоби дарсӣ низ меафзояд. Ин ҷиҳат омили хурди норасоии адабиёти таълимӣ ба шумор меравад.

Тавре аз таҳлилу санҷишҳо маълум меардад, омили асосии аз байн бурдани мушкилоти норасоии китобҳои дарсӣ ба тарзи пешниҳоди омори дурусти эҳтиёҷот аз ҷониби масъулини муассисаҳои таълимӣ ва раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вобаста аст.

Дар ҳуҷҷати меъёрии «Тартиби ба иҷора додани китобҳои дарсӣ ва маблағҳои гардони китобҳои дарсӣ дар муассисаҳои таълимӣ» чунин омадааст: «Ҳар як муассиса масъалаи пешниҳод намудани дархостро барои китобҳои дарсӣ як сол пеш барои солҳои таҳсили оянда ба воситаи шурои омӯзгорон мустақилона баррасӣ карда, онро барои ҷамъбаст ба раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо ирсол менамояд. Раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоят шаҳр ва ноҳияҳо, дар навбати худ, маълумоти пешниҳодшударо ҷамъбаст карда, ҳар сол то якуми июл ба Вазорат пешниҳод мекунанд».

Мутаассифона, тартиби мазкур на ҳамеша аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф ба таври дуруст ва воқеӣ риоя мешавад. Дар ин масъалаи ниҳоят муҳим аз директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сар карда, то мудирони шуъбаҳои маориф аксаран чандон масъулияти ҷиддиро дарк намекунанд.

Барои мисол бо супориши бевоситаи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Саидзода моҳи майи соли ҷорӣ ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар ҷиҳати дар давоми як моҳ муайян кардани норасоии адабиёти таълимӣ ва пешниҳоди эҳтиёҷот ба адабиёти таълимӣ мактуб ирсол гардид. Мутаассифона, масъулини шаҳру ноҳияҳо норасоии китоби дарсиро дақиқ ва воқебинона пешниҳод накардаанд.Илова бар ин моҳи сентябри соли ҷорӣ аз ҷониби Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дархости иловагӣ барои таъмин намудан бо китобҳои дарсӣ ворид гардид. Пас аз таҳлили дархости шуъбаву раёсатҳои маориф маълум гардид, ки китобдорону директорони муассисаҳои таълимӣ ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо эҳтиёҷоту ниёзҳои таълимгоҳҳояшонро ба китобҳои дарсӣ дақиқ насанҷида, ба таври хеле сатҳӣ номгӯйи китобҳои дарсиро ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод менамоянд. Барои мисол дар дархостҳои пешниҳодшуда, ки




дар онҳо муҳру имзои сардорони раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои кишвар гузошта шудааст, ғалатҳои ҷиддӣ дар унвони китобҳо, ба кадом синф тааллуқ доштани онҳо ва монанди ин зиёд ба чашм мерасад. Масалан, барои як синф ду номгӯйи як китоби дарсӣ ҳам «Технологияи иттилоотӣ» ва ҳам «Технологияи информатсионӣ» дархост шудааст, ҳоло он ки дар нақшаҳои таълимӣ ки ҳуҷҷати рӯйимизии ҳам директори муассисаи таълимӣ ва ҳам мудири шуъбаи маориф аст, номи ин фан технологияи иттилоотӣ сабт шудааст. Ё ин ки аксари шуъбаҳои маориф барои дастрас кардани китоби дарсии забони хориҷӣ дархост пешниҳод мекунанд. Мувофиқи нақшаи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ забонҳои хориҷӣ, аз қабили русӣ, англисӣ, немисӣ, арабӣ ва фаронсавӣ таълим дода мешаванд. Вале дар дархости пешниҳодкардаи шуъбаҳои маориф маълум нест, ки кадоме аз ин забонҳои хориҷӣ дар назар дошта шудааст. Ҳатто беэътиноии роҳбарони муассисаҳои таълимӣ нисбат ба масъалаи мазкур то ба ҳаддест, ки китобҳои дарсии «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ»-ро барои синфи 9-ум, (дар асл дар синфҳои 10 – 11-ум омӯхта мешавад), «Маърифати оиладорӣ»-ро ба синфи 9-ум дар асл дар синфи 10-ум омӯхта мешавад), «Ҳуқуқи инсон»-ро ба синфи 8-ум (ҳоло он ки дар синфҳои 8–9-ум «Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таълим дода мешавад)дархост кардаанд. Дарвоқеъ аз директори муассисаи таълимӣ сар карда, то баъзе аз мудирони шуъбаҳои маориф, ки ин ҳуҷҷатҳо бевосита аз зери дасти онҳо бо муҳру имзо ба Вазорат пешниҳод мегарданд, ба чунин шева саҳлу сода пиндоштани як масъалаи ҳалталаби соҳаи маориф барои пешрафти соҳа ва ояндаи дурахшони насли наврас бетаъсир нахоҳад буд.

Боз як омили дигари ба таври дақиқ тартиб надодани дархост ба китобҳои дарсӣ мунтазам ивазшавии китобдорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Мутаассифона, директорони мактабҳо бе мувофиқаи мудири шуъбаи маориф китобдоронро иваз мекунанд. Инчунин зимни иваз кардани китобдорон санади қабулу супурди молу амволи китобхона тартиб дода намешавад. Аз ҳамин сабаб пайдо кардани санадҳои лозима ва дигар ҳуҷҷатҳои воридоту тақсимоти китобҳои дарсӣ, инчунин расидҳои маблағҳои пардохтшуда дар китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ душвор мегардад.

Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ, ҳамчун сохтори ваколатдори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти бо адабиёти таълимӣ таъмин кардани муассисаҳои таълимӣ ҳамасола дар асоси дархости шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нақшаи чопи китобҳои дарсиро мураттаб сохта, чопи онҳоро барои як соли хониш ба нақша мегирад. Маҳз ба ин хотир тарзи дуруст пешниҳод кардани эҳтиёҷот ба китобҳои дарсӣ масъалаи хеле ҷиддӣ ва ҳалталаби соҳаи маориф арзёбӣ мешавад.

Дар Нақшаи дурнамои чопи китобҳои дарсӣ номи адабиёти таълимӣ, номи муаллиф (муаллифон), соли охири чопи он, миқдори хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба синф, миқдори эҳтиёҷи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба адабиёти таълимии мавриди назар ва теъдоди нашри адабиёти таълимӣ дақиқ нишон дода мешавад. Бинобар ин хурдтарин омор агар аз ҷониби шуъбаҳои маориф нодуруст пешниҳод гардад, боиси сардаргумӣ дар соҳа шуда метавонад. Ҳол он ки камбудиҳои дар боло овардашуда он гунае нестанд, ки онҳоро хатои кучак бигӯем ва ё дидаву дониста аз онҳо чашм пӯшем.

Як нуқта боиси таассуф аст, ки вақте ки Вазорат расман дархост талаб мекунад, масъулини бахши китобдории раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо дар пешниҳоди омори дурусти норасоии адабиёти таълимӣ саҳлангорӣ мекунанд, вале ҳангоме ки аз ҷониби ниҳодҳои қудратӣ шуъба ва ё раёсат мавриди санҷиш қарор мегирад, баъдан норасоии адабиёти таълимӣ камбудии асосӣ арзёбӣ шуда, ба Вазорат аз шуъбаҳои маориф дархостҳои пайдарпай ҷиҳати таъмин намудан бо китоби дарсӣ пешниҳод мешавад.

Тавре ишора шуд, Вазорат соле як маротиба дар муҳлати муқаррашуда аз шуъбаву раёсатҳои маориф расман дархост оид ба норасоии китобҳои дарсиро талаб мекунад ва дар асоси он нақшаи дурнамои чопи китобҳои дарсиро мураттаб мекунад. Тибқи «Нақшаи дурнамои чопи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли 2023», ки бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.09.2022, №13/3 тасдиқ гардидааст, нашри 44 номгӯйи китоби дарсӣ аз синфи 1-ум то 11-ум ба нақша гирифта шудааст.

Бояд гуфт, ки бо мақсади муайян намудани омори дақиқ, шумораи адабиёти таълимии дар солҳои дуюму сеюми истифодашаванда ва норасоии китобҳои дарсӣ бо супориши бевоситаи вазири маориф ва илми ҶумҳурииТоҷикистон Р. Саидзода аз санаи 01.12.2022 то 20.12.2022 дар муассиаҳои таълимии ҷумҳурӣ маъракаи «Омори дақиқи норасоии адабиёти таълимӣ» эълон карда шудааст. Ба ин хотир 5 000 нусха ҳуҷҷати бақайдгирӣ ва муайяннамоии омори адабиёти таълимӣ омода шуда, ба муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ тақсим карда шуд. Дар семинари ҷумҳуриявӣ, ки таҳти унвони «Таъминоти адабиёти таълимӣ – омили рушди маориф» дар таърихи 2 – 3-юми декабри соли 2022 баргузор гардид, доир ба тарзи дуруст тартиб додани ҳуҷҷати оморӣ дарсҳои амалӣ гузаронида шуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар семинарҳое, ки болотар дар мавриди онҳо гуфтем, бо мувофиқаи мушовирони бахши китобдории раёсату шуъбаҳои маориф қарор қабул гардид, ки минбаъд дар сурати аз 1000 дона зиёд будани норасоии китоби дарсӣ Вазорат нашри такрории он китобро илова ба нақшаи чопи соли 2023 ба роҳ мемонад. Инчунин, чопи китобҳои дарсӣ мувофиқи омори пешниҳодкардаи масъулини раёсату шуъбаҳои маориф ба нақша гирифта шуда, ба муассисаҳои таълимӣ аз теъдоди дархост намудаи шуъаи маориф ҳатто як дона китоб зиёд фиристонида намешавад. Дар ин сурат агар масъалаи норасоии китоби дарсӣ ба миён ояд, ин гуноҳи мушовири бахши китобдорӣ ва мудири шуъбаи маориф хоҳад буд.

Аз ин рӯ, зимни пешниҳоди дархост ба китобҳои дарсӣ зарур аст, ки нахуст норасоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҳар як синф ба таври хеле дақиқ аз ҷониби китобдори муассиса муайян гардида, дар шурои омӯзгорӣ муҳокима шуда, баъдан ба мушовири бахши китобдории шуъбаи маориф пешниҳод шавад. Мушовири бахши китобдории шуъбаи маориф дар навбати худ дархости ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия (шаҳр)-ро ҷамъбаст карда, бо мувофиқаи мудири шуъба (раёсат) дар муҳлати муқарраршуда ҳамасола ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд. Зеро ислоҳоти соҳаи маориф дар ҳоле натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ки тамоми субъектҳои раванди таълиму тарбия зимни иҷрои уҳдадориҳои худ масъулияти ҷиддиро дарк намоянд.

***Наҷмиддин ЗАЙНИДДИНЗОДА,***
***директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**Дар шаҳри Душанбе Стратегияи амнияти иқтисодии Тоҷикистон баррасӣ гардид.**

МУЛОҲИЗА

# Заминаи омӯзиши илмҳои дақиқ

***Замони муосир дар назди инсоният вазифаю талаботи зиёдеро мегузорад, ки пеш аз ҳама, ба истифодаи самаровар ва пешрафти илму технологияи инноватсионӣ, инчунин, ба роҳ мондани омӯзиши амиқи илмҳои табиию риёзӣ ва дақиқ вобастагии зич дорад. Кӯшишу талошҳои бани башар бо корбарди дастгоҳу технологияи нави имрӯза ва ихтироъту кашфиёт ободу рушд бахшидани кишварҳо ва таъмини сулҳу зиндагии шукуфону хушбахтона дар рӯйи замин маҳсуб меёбад.***

Дар ин замина, тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии мо низ иқдому амалҳои муосиру таконбахш аз ҷониби Ҳукумати давлат роҳандозӣ ва бо дастуроти хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳоди насли наврасу ҷавон – хонандагону донишҷӯён гардид. Баъд аз эълони «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиию риёзӣ ва дақиқ» ҳамоно вусъату тақвият бахшидани корҳои назаррас дар ин самт, аз ҷумла, ихтироъту кашфиёти бемислу монанд, ки на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки берун аз ҳудуди он ба такомулу пешрафти соҳаҳои компютеру тахтаи электронӣ ва видеопроекторҳо маълумотҳо бояд ҷолиб, муассир ва шавқовар баргузор гарданд. Дар масъалаи беҳтар ба роҳ мондани дарсҳо аз фанҳои химия, физика ва биология омӯзиши пайвастаи осори илмию адабиёти илмии иловагӣ ҳамчун манбаъ ва омили такмилбахши мавзуъҳои таълимӣ бояд аз ҷониби устодону омӯзгорон сурат гиранд. Омӯзиши маҷаллаҳои «Физика в школе», «Квант», нашрияҳои соҳавӣ – «Омӯзгор», «Маорифи Тоҷикистон», «Маърифати омӯзгор» судманду манфиатбор мебошад. Бо мақсади



гуногуни хоҷагии халқ мусоидат мекунад, ба ҳисоб меравад. Дар ин росто, дар кишвар бо мақсади дар амал татбиқ намудани донишҳои андӯхтаи илмию назариявии толибилмони мактабиi миёна ва олӣ ва муҳаққиқони ҷавон, солҳои охир биноҳои муассисаҳои таълимӣ, бо тамоми васоити техникӣ, синфхонаҳои озмоишӣ таъмин мебошанд, ҳамчунин, марказҳои илмӣ – тадқиқотӣ, омӯзишӣ аз фанҳои дақиқ ва ғайра сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд. Воқеан, назария бо таҷриба вобастагии зич дорад ва мушоҳидаю иҷрои амалии нуктаю паҳлуҳои илмие, ки дар мавзуъҳои таълимӣ ифода ёфтаанд, ба хонандаи мактаб имкон медиҳанд, ки ҳақиқати кашфиёти ину он омили соҳаи физика, химия ё биологияро ба таври равшану возеҳ аз наздик маърифат кунад. Тавре маълум, замони Шуравӣ дар таълимгоҳҳо асбобу анҷоми лабораторӣ, моддаи реактивҳо мавҷуд буданд, ки кори омӯзгорону хонандагонро хеле осон мекарданд. Дар замони соҳибистиқлолӣ низ зина ба зина ба таълиму муҷаҳҳаз намудани кабинетҳо ва озмоишгоҳҳои фаннӣ бо дастгоҳу таҷҳизоти нави ва маводи физикаву химиявӣ вусъат меёбад. Дар ин самт, корҳои лабораторӣ низ дар сатҳи посухгӯ ба талаби замон ба роҳ монда шуда, таҷрибаҳои физикию химиявӣ ва биологӣ вобаста ба шароити имконияти мактабҳо ба роҳ монда мешаванд. албатта, андӯхтаву донишҳои миллӣ бояд ба таври мунтазам сурат бигиранд. Дар ин масъала, аз ҷониби устодону омӯзгорон ба истифода аз васоити муосири технологӣ, аз қабили ба таври амиқ омӯхтану аз худ кардани мавзуъҳои таълимӣ аз физика ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ, маҳфили фаннӣ, викторина, ҷамъомади мусобиқавии «Зарифон» дар таълимгоҳ шавқовару ҷолиб мебошад. Маълум аст, ки дар муассисаҳои таълимӣ, тибқи график ҳафтаи фанни физика гузаронида мешавад. Маводу маголиби пешниҳодшуда аз физика бояд дар алоқамандӣ бо навтарин иттилоот дар бораи дастоварду навигариҳои илмӣ, кашфиёту ихтироот дар микёси ҷаҳон ба самъи хонандагон расонида шавад. Дигар аз амали ҳамешагии омӯзгори фанни физика дар мактаб, ба озмунҳои фаннии сатҳи ноҳиявӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тайёру омода намудани шогирдон бо шумор меравад. Маҳз натиҷаҳои бадастовардаи шогирдон дар олимпиадаҳо сатҳу сифати таълимро аз ин фан бозгӯйӣ мекунанд. Албатта, дар ин бобат заҳмату талошҳои омӯзгорони фанни мазкурро набояд нодида гирифт. Дар ноҳияи мо омӯзгорону устодоне, ки фаъолият мекунанд, таҷрибаи ғании педагогӣ дошта, мактаби хоси худро ба вуҷуд оварда, пайваста дар байни омӯзгорони қаламрави ноҳия тарғибу муаррифӣ карда мешавад. Воқеан, бо беҳтар гардидани заминаҳои моддию техникӣ дар самти кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо сафи шогирдону наволару ихтироъкор зиёд мегарданд, ки гувоҳи ин натиҷаи озмуни «Илм - фурӯғи маърифат» дар ҷумҳурӣ мебошад.

***Илҳом ЁРОВ,***
***омӯзгори МТМУ №48,***
***ноҳияи Рӯдакӣ***

ОМӮЗИШ

***Химия илмест, ки моддаҳо, таркиб, хосият ва ба якдигар табдилёбии онҳоро меомӯзад. Таркиб, хосият ва тағйирёбии моддаҳо нуқтаи асосии омӯхтани химия мебошад.***

Химия имрӯз ба таври фарогир таълим дода мешавад, то мутахассисони фардо ба осонӣ бо мушкилоти пешомада рӯ ба рӯ нашаванд. мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шавад.

Ин пешниҳод маҳз ба мо, омӯзгорон ва хонандагон равона карда шудааст, ки фанҳои бунёдиро амиқтару дақиқтар омӯзем, зеро талаботи химиявӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки чӣ гуна моддаҳои гуногунро санҷида, омехта карда, реаксияҳои дилхоҳро ба даст меоранд.

Хонандагон асосҳои илмии химияро дар синфҳои 7-9 омӯхта, дар бораи моддаҳое, ки дар хоҷагии халқ истифода мешаванд, маълумоти муайян мегиранд ва боварӣ ҳосил менамоянд, ки химия фанни муҳим аст.

Аз ин рӯ, мақсади мо,

# Робитаи назария бо илм

Дар муассисаи таълимии мо нисбат ба чанд соли қаблӣ дар ҷодаи химия ва омӯхтани он ба хонандагон шароити хеле мусоид фароҳам оварда шудааст. Хонандагон пас аз омӯзиш фаҳмиданд, ки маҳсулоти химиявӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёт мавриди истифода қарор мегиранд.

Роҳбари давлат пешниҳод намуданд, ки «ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ боти рӯз инро тақозо мекунад. Мо, муаллимони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бояд бар он сайъ намоем, ин фанҳоро бо дарсҳои амиқи назариявию амалӣ ва шавқовар гузаронем, то меҳри хонанда барои омӯзиш бедор шавад.

Химия омӯзиши худро ба масъалаи ҷаҳон ва коинот равона мекунад ва он дар заминаи реаксияҳо асос ёфтааст. Яъне, дар аксар озмоишгоҳҳои омӯзгорон, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир, такмили маърифатнокии хонандагон ва гиромидошти арзишҳои милливу умумибашарӣ мебошад.

***Лалбегим МУСАЛАМШОЕВА,***
***муаллими химияи МТМУ-и №4, шаҳри Ваҳдат***

ШЕВАИ ТАДРИС

# Омӯзиши бардавом - гарави рушди нутқи мураттаб

Дар синфҳои ибтидоӣ масъалаи асосӣ хондану навиштанро аз худ кардани хонандагон ба шумор меравад. Инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳии шогирдон ба омилҳои зиёде вобастагӣ дорад. Ҳангоми баргузор намудани машғулиятҳои таълимӣ, ба хусус, аз забони модарӣ кор бо матни пешниҳодшуда нақши муҳиму асосӣ мебозад. Агар матн (ҳикоя) калонҳаҷму батафсил бошад, онро ба қисмҳо ҷудо намуда, ба таври алоҳида хондаву тавзеҳ бояд намуд. Агар ҳикояи пешниҳодшуда хурд (мухтасар) бошад, онро метавон ҳамроҳи хонандагон хонда, тавассути саволгузорӣ маънидод кард. Дар ҳар сурат, хонандагон бояд матнро бо навбат хонда, пораҳои хондашударо нақл кунанд. Кор бо луғат ва тафсири таркибу таъбирҳои мардумӣ дар масъалаи ғанӣ гардидани захираи луғавии шогирдон нақши муассир дорад. Масалан, дар китоби «Забони модарӣ» барои синфи 3 ҳикояи «Гулаки беном» ҷой дода шудааст, ки ҷолибу шавқовар мебошад. Ҳамин матнро низ ба қисмҳо ҷудо карда, хондану нақл намудан манфиатманд аст. Аз ҷумла:

«Дар як гӯшаи замин Гулаке мерӯйид. Миёни санглу гил (хок) барои Гулак гизое набуд. Ба Гулак об намерасид. Дар айни тобистон Гулак тоҷгули зебое баровард. Тоҷгули вай баргҳои равшану рахшон дошт ва ба ситора монанд буд. Чун шамол ба ин харобазор меомад, бӯйи муаттари онро ба дурихо мебурд».

Баъд аз хондану нақл намудани ин пораи ҳикоя ба қироати қисмати дуюми ҳикоя шурӯъ мекунанд хонандагон. Дар ин қисмат сухан дар бораи Райҳон ном духтараке меравад, ки тасодуфан аз паҳлуи харобазор, ки Гулак он ҷо рӯйида буд, мегузарад. Дар қисмати сеюм гуфтугӯйи Райҳон бо гулак сурат мегирад, ки хеле ҷолибу шавқовар ва омӯзанда аст. Маълум мешавад, ки Гулак танҳосту бо амри тақдир дар ин биёбон рӯйида, нашъунамо ёфтааст. Вай ҳатто номи худро намедонад. Дар қисмати чорум дар хусуси нигоҳубини Гулак аз ҷониби Райҳону дугонаҳояш нақл карда мешавад. «Рӯзи дигар Райҳон ҳамроҳи дугонаҳояш ба назди Гулак омад. Онҳо ба харобазор пору кашонданд, то ки замин ҳосилхез шаваду Гулаки беном нашъунамо ёбад ва аз донаҳои он гулҳои зебо зиёд шаванд».

Дар ин пораи ҳикоя моҳияти меҳнатдӯстӣ ва накукории Райҳону дугонаҳояш ба мушоҳида мерасад. Ва ниҳоят, қисмати хотимавии ҳикоя, ки ҳусни анҷоми он аст, сурат мегирад.

«Райҳон зимистони дароз Гулаки рахшону беномро ба ёд меовард. Тобистон ӯ ба дидорбинии Гулак рафт. Райҳон дид, ки дигар он ҷо харобазор нест. Сабзаву гулҳо рӯйидаанд. Дар болои онҳо парвонаву парандаҳо парвоз мекунанд. Аз гулҳо бӯе меомад, ки монанди бӯйи Гулаки беном буд».

Дар қисмати саволу супоришҳо муаллифони китоби дарсӣ хеле ба маврид овардаанд:

**1.Барои чӣ ҳикоя «Гулаки беном» номида шудааст?**

**2. Харобазор чӣ гуна ободу зебо гашт?**

Муаллим барои ангезишу таҳрики фикри шогирдон метавонад чунин супоришро пешниҳод кунад:

Аз матн ҷумлаеро ёбед, ки аз он меҳру муҳаббат ва эҳсоси зебоипарастии қаҳрамони ҳикоя Райҳонро фаҳмидан мумкин аст.

Бо ёрии омӯзгор хонандагон ин ҷумларо дарёфта, мехонанд ва дар дафтарҳо сабт мекунанд:

«Райҳон хам шуд ва Гулакро бӯсид».

Азбаски хонандагон аз грамматика дар ин боб сифатро мегузаранд, бояд аз матн калимаҳоеро, ки аломат (ранг, бӯй…)-и ашё (гулак)-ро ифода мекунанд, ёфта ба дафтарашон кӯчонанд.

**Масалан:** Тоҷгули зебо, баргҳои равшану дурахшон, бӯйи муаттар, бӯйи хуш, Гулаки рахшон, гулҳои зебо.

Дар қисмати имлои дунафарӣ супориш дода шудааст, ки банди аввали матни болоро хонда, сипас бинависед.

Ба хона вазифа дода мешавад. Дар бораи гулҳое, ки дар саҳни ҳавлии хонандагон мерӯянд, онҳо ба воситаи 4-5 ҷумла ҳикояча иншо намоянд ва сифатҳои онро муайян кунанд.

Ин тарзи кор бо матн имкон медиҳад, ки нутқи шифоҳию хаттии хонандагон рушду такомул ёфта, онҳо дар бораи ин ё он лаҳзаву ҳодисаҳо фикри худро озодона баён кунанд.

***Алоҳида БОЛТАЕВА,***
***омӯзгори мактаб-интернати №2,***
***шаҳри Душанбе***

**10 ДЕКАБР – РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН**

# Таъмини озодию ҳуқуқи инсон арзиши муҳими тамаддуни ҷаҳонист

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (аз 22 декабри соли 2016) таъкид доштанд, ки «Кишвари мо роҳи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд мебошад».***

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992 узви Созмони Милали Муттаҳид буда, ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ, принсипҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи инсонро риоя намуда, дар заминаи он 7 ҳуҷҷати муштараки Паймони байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва 4 Протоколи иловагиро қабул намудааст.

Яке аз дастовардҳои бузурги даврони Истиқлолият қабули Конститутсияи Тоҷикистон соҳибистиқлол мебошад, ки меъёри он аз аввал то ба охир ба эътирофу эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқи инсон равона шудаанд. Аз ҷумла, дар муқаддимаи он чунин гуфта шудааст:

**«Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шуморида, ҳамин Конститутсияро қабул ва эълон менамоем».**

Дар сар то сари Конститутсия меъёрҳои ҳуқуқи инсон таҷассум ёфтааст ва он яке аз панҷгонаи конститутсияи беҳтарин дар Аврупо эътироф гардидааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалисозии кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пайваста тадбирҳои мушаххас меандешад.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд, аз ҷумла, бо кодексҳои оила, меҳнат, гражданӣ, ҷиноятӣ, мурофиавӣ, қонунгузории соҳаи маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, судӣ ва дигар қонунҳои амалкунанда.

Бо дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, бо мақсади таъмини кафолати ҳуқуқ ба ҳаёт ва ба принсипи эътирофшудаи байналмилалии инсондӯстӣ мутобиқ гардонидани қонунгузории ҷиноятӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» аз 15 июли соли 2004, №45 қабул гардид, ки яке аз дастовардҳои назарраси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт буда, тибқи моддаи 2-и қонуни мазкур аз 30 апрели соли 2004 инҷониб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи ҷазо дар шакли қатл ба муҳлати номуайян боздошта шудааст.

Яне мутобиқи моддаи 1, Қонуни мазкур татбиқи ҷазо дар шакли қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои содир намудани ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 104 қисми 2, 138 қисми 3, 179 қисми 3, 398 ва 399-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, инчунин, иҷрои ҷазои қатл ва дигар қоидаҳои вобаста ба он, ки дар моддаҳои 19, 21, 23, 25, 78, 100, 127, 129, 131, 133, 214-222-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷум¬ҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, боздошта шуд. Дар давраи боздоштани татбиқи ҷазои қатл, ҷазои маҳрум сох¬тан аз озодӣ ба муҳлати бисту панҷ сол муайян гардид.

Яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигаре, ки бахри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон, оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо қабул гардидааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонидани онҳо» аз 1 марти соли 2005, №89 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.



Инчунин, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳз бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ зиёда аз 16 маротиба қонунҳо дар бораи авф қабул гардиданд, ки дар асоси ин қонунҳо зиёда аз садҳо ҳазор шахсе, ки кирдорҳои ҷиноятӣ содир намудаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва адои ҷазо озод шуда, ба ҳаёти осоишта баргаштанд.

Соли 2009 дар ҷумҳурӣ ниҳоди махсусгардонидашудаи ҳифзи ҳуқуқи инсон
-Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2016 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ба фаъолият шуруъ кард. Яке аз вазифаҳои асосии ин ниҳод, мусоидат ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии қишрҳои гуногуни ҷомеа оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Инчунин, аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз», 19 июли соли 2022, №1890 ба имзо расонида шуд, ки ин ҳуҷҷат далели истифода ё амалӣ намудани тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар асоси баробарӣ бо Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мебошад.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 13, қонуни мазкур, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчуни мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини баробарӣ ва манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз муқарраргардида, ариза ва шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё гурӯҳи шахсонро оид ба ҳолатҳои табъиз баррасӣ менамояд.

Бо мақсади иҷрои самаранoки вазифаи зикршуда бо пешниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №678 тасдиқ гардид.

Барнома барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, тақвият додани донишҳои касбии кормандони соҳаи маориф, судяҳо, хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ, ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, ҷавонон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма дар соҳаи ҳуқуқи инсон мутобиқи меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ равона шуда, дар рушду таҳкими ҳуқуқи инсон дар мамлакат нақши муҳим мебозад.

Ҳамзамон, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳравнд таҳкими қонуният, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 ва Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2022-2023 оид ба амалисозии Консепсияи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2022, №54 қабул гардид, ки айни ҳол мавриди амал қарор дорад.

*МАҶИДЗОДА Саидумар Шамсуддин,*
*мудири бахши ҳуқуқи дастгоҳи раиси ноҳияи Фирдавсӣ*

**АНДЕША**

Ба ҳамагон маълум, ки кори таълиму тарбия басо душвор буда, аз мураббӣ, омӯзгор ва падару модарон дониши мукаммал, тақозо менамояд. Пешаи тарбиятгарӣ - мактабу маориф, мақоми устод – омӯзгор дар ҷомеа аз давраҳои хеле қадим то ба имрӯз яке аз масъалаҳои асосии ҷомеа, мебошад.

Далели ин гуфтаҳои моро осори гаронбаҳои ҳар кадом адибони классикамон тавассути ашъори нобу худ метавонанд исбот намоянд. Дар мавриди барои ҳар як фард зарур будани таълиму тарбия ривоятҳои зиёде ҳам эҷод шудаанд.Имрӯз барои ҷомеаи мо тарбияи ҷавонони зираку оқилу доно зарур аст. Дар гузашта аҷдоди мо фарзандонашонро аз синни панҷсолагӣ ба дабистонҳо медоданд.

# Таълим аз тарбия ибтидо мегирад

Мутаассифона, имрӯз на ҳамаи омӯзгорон мафҳуми таълиму тарбияро дуруст сарфаҳм меравнанд. Омӯзгороне ҳастанд, ки барояшон таълиму тарбия якест, ҳол он ки ҳар як дарс - мавзуъ мақсади тарбиявӣ низ дорад. Мо, кормандони соҳаи таҳсилоти томактабӣ кӯшиш менамоем, ки хишти аввалро дуруст гузорем, зеро оянда наврасон ба тарбияи ахлоқии имрӯзаи мо, мураббиҳо, вобастагии калон дорад.Бояд донем, ки наврасон шабеҳи химчаанд, кадом тарафе, ки тобед, ба ҳамон тараф моил мешаванд. Бинобар ин, дар ҳама ҳолат кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки дар масъалаи тарбияи онҳо ҳеҷ гоҳ ба хатой роҳ надиҳем. Бо вуҷуди ин, бояд ҳамкории муассисаҳои томактабӣ бо падару модарон дуруст ба роҳ монда шавад. Аз рӯзҳои аввали фаъолият ҳар як корманди муассисаи томактабиро зарур аст, ки ҳатман бо волидайни кӯдакон дар алоқаи доимӣ буда, аз хурдтарин лаҳзаи ҳаёти онҳо бохабар шаванд.

***Заррина МИРЗОЕВА,***
***мураббии муассисаи таҳсилоти томактабии №129-и ноҳияи Фирдавсӣ***

**ҲАМОИШ**

# Бузургдошти шоири шинохта

Баргузории нишастҳои адабӣ, озмунҳои фаннӣ, вохӯриву суҳбатҳо бо олимону адибони шинохтаи ҷумҳурӣ дар Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ба ҳукми анъана даромадааст. Озмуни адабии навбатие, ки ба қарибӣ дар ин муассисаи таҳсилоти олии касбии муштарак бо ташаббуси кафедраи адабиёти ҷаҳон факултаи филологияи рус, журналистика ва медиатехнологии донишгоҳ таҳлил гардид, ба 190 – солагии эҷоди романи манзуми сардафтари адабиёти классикии рус Александр Сергеевич Пушкин – «Евгений Онегин» ва 225 – солагии зодрӯзи муаллифи ин роман бахшида шуд.

Дар чорабинӣ байни гурӯҳҳои сенафараи курсҳои 3 ва 4 – и факултетҳои филологияи руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ва Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон аз рӯйи се номина – қироати ифоданоки пораҳо аз романи «Евгений Онегин», иҷрои инсенеровкаҳо аз романи номбурда, иҷрои пораи романҳо ва сурудҳо аз романи «Евгений Онегин» сабқат баргузор гардид.

Чунонки дар оғози озмун ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия, доктори илми филология, профессор Х. Шанбезода ва мудири кафедраи адабиёти ҷаҳон, номзади илми филология, дотсент М. Русакова иброз доштанд, ҳадаф аз баргузории сабқати мазкур гиромидошти адиби номвар А. С. Пушкин, инкишоф ва таҳким бахшидани муносибатҳои дӯстонаи байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омӯхтан ва тарғиби забони русӣ байни донишҷӯён ва таблиғи донишгоҳи мазкур дар микёси Осиёи Миёна мебошад. Ҳақамон ба ҳунару маҳорати иштирокдорон баҳои баланд дода, ғолибонро бо туҳфаҳои хотиравӣ қадр намуданд. Дар поёни чорабинӣ ҳунармандони ансамбли фолклории «Славянка» - и донишгоҳи мазкур бо суруду рақсҳои дилошӯби худ хотири иштирокдорони чорабиниро болида гардониданд.

***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

Дар ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур дар мавзӯи «Техника ва технологияи истеҳсолоти кишоварзӣ: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он» конференсия баргузор шуд.

*Шеър ҳам бояд занад фаввораe*
*Аз танӯри дил чу оташпорае.*
*М. Турсунзода*



*Ҳар касе дар назм дорад эҳтиром,*
*Пос дорад хотири Қутбӣ Кином.*

▶ БА ИФТИХОРИ 90 - СОЛАГИИ ШОИРИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН ҚУТБӢ КИРОМ

# Кохи шеъраш бунёд аз муҳаббат дорад

*Қутбӣ Кином дар назми худ ҳиссиёти инсонӣ, ҳамчун ишқ, бародарӣ, шарафро месарояд. Дар бораи вазифаи шоирӣ ва тафаккури беҳтарини анъанаҳои ҳаёти адабиёти классикии тоҷик фикрронӣ мекунад.*

***Владимир КОСТРОВ,***
***шоири рус***

*Қутбӣ дар роҳи ҳаёт барои халқ хонае сохтан мехоҳад, ки «хишти он аз меҳру вафо ва ҳар сутунаш аз садоқат бошад ва ӯ шеърҳои бо ҳаяҷон навиштаи худро ҳамчун хишти меҳр ва сутуни вафо ба майдони бинокории ин ҳаёти нави халқ меоварад. Шеъри Қутбӣ дар ин майдони корзор доимо дар гардиш аст.*

***Раҳим ҲОШИМ,***
***адабиётшинос***

*Шоир дар силсилабандӣ ҳодисаҳои ҳаётро васеътар дарбар гирифтааст. Мушоҳидаҳои ӯ амиқтар ва шеърҳо аз ҷиҳати бадеият болиғтар буда, симои хоси ӯ нагзтар намоён аст.*

***Муҳаммадҷон ШАКУРӢ,***
***академик***

*Ман вақте ки достони Қутбӣ Кином «Аввалин дидор»-ро мехондам. беихтиёр, андешидам, ки шояд роҳи мурғи илҳоми ӯро дар таълифи ин достон «Чароғи абадӣ»-и устод равшаноӣ бахшида бошад. «Аввалин дидор»-и Қутбӣ Кином, ба назари ман, яке аз беҳтарин достонҳои публитсистиву лирикии фалсафимазмунест, ки дар солҳои охир дар назми мо ба миён омадаанд Дар ин асар симои инсонӣ ва шоирии Турсунзода дар як доираи муайян ва конкрети фазову вақт, дар заминаи мулоқот ва мусоҳиботи ӯ бо мардуми кӯҳистони Фалғар офарида шудааст*

***Абдураҳмон АБДУМАННОН,***
***адабиётшинос***

*Қутбӣ Кином дар шеърҳои «Кема» ва «Ёд» як воқеаи ҳаётӣ ва басо драмавиро аз ҳаёти маълул ё маҷруҳу маслуқи ҷанг Ҳикмат-амаки кемахудо нақл кардааст. Ҳикмат-амак мехоҳад ҳарчи аз дасташ ояд, ба мардум нафъ бирасонад, лаҳзае оромӣ надорад, ҳоло кемахудо шудаасту одамеро бо одам, деҳаро бо деҳа ва ноҳияро бо ҷумҳурӣ, бо тамоми Ватани Шуравӣ ва бо тамоми олам мепайвандад.*

*Қутбӣ Кином яке аз нахустин касон буд, ки мавзуи зодгоҳро ба шеъри тоҷикӣ дохил намудаанд.*

***Юсуф АКБАРЗОДА,***
***адабиётшинос***

*Шеъри асили тасвирӣ ҳаргиз тасвири айнани як манзара нест, зеро дар он ҳолат на асари бадеӣ, балки сурати ҳамон манзара мегардад, ки таъсири рӯҳӣ нахоҳад дошт, вале ҳангоме ки шоир ба тасвири дақиқ накӯшида, муҳимтарин аломатҳои онро ба тасвир мегирад, ки онро зиндаву нотакрор намоён месозад, ба эҷоди асари бадеӣ ноил мешавад. Ашъори нисбатан пухтаи тавсифию тасвирӣ ва манзаравӣ дар эҷодиёти Қутбӣ Кином аз маҷмуаи дуюми ӯ «Илҳом» (с.1968) ба назар мерасад, ки шеърҳои «Хӯшаҳо», «Анҷоми зимистон», «Шаби домодӣ» аз ҷумлаи онҳоянд.*

***Аскар ҲАКИМ,***
***Шоири халқии Тоҷикистон***



*Кори забону услуб ва тарзи офариниши тасвир дар шеъри Қутбӣ Кином дар ҳар ҳолат хоси салиқаи шоирии ӯст ва чунонки бармалост, тобиш додани ифодаи маъноии калимаҳо, бамаврид истифода карда тавонистани таъбироти маънисозӣ офаридаи шоир дар ҳамравонӣ бо каломи шифоҳии мардум дар шеър амсоли «тангии ҳоли халқ» аз «дасти балои ҷанг», «мадор бурдани дасти шахшули зиндагӣ» аз инсон, тоза дарёфтани суфраҳо «чун суфраи пайғамбарон», «ба сӯзан кофтан» ва ғайра ифодагари гуфтаҳои фавқ ба шумор мераванд.*

*Мазмун ва мундариҷаи ашъори Қутбӣ Кином дар заминаи лирикаи ишқӣ ва иҷтимоӣ асос ҷуста, пеш аз ҳама, шеъри пайвандгари наслҳои адабиёт ба шумор меравад ва ин калом аз рӯзгори мардум падидор гардида, аз дарунмоя бо тобишҳои ҷаззобу пурмаънӣ мавзун шуда ва дар баробари набзи ҷомеа тапидааст, ки шеъри зиндаву мондагор аст.*

***Салими ХАТЛОНӢ,***
***шоир***

*Ҷолиб аст, ки дар ғазалиёти хеш устод Қутбӣ Кином дар вожагузинӣ ва маънисозӣ ҳам равиши Бедилро ихтиёр кардаву барои халқи маъниҳои тоза чанд калимаи ба истилоҳ «нозпарвард»-и шеъри Булмаониро ба орият гирифта ва муваффақ ҳам шудааст, то ҳарфи худӣ ва ҷадид гӯяд, мисли ойинаву улфату ҳамон Хизру асо ҳам, ки басомаде зиёд дар шеъри Бедил доранд.*

*Дар миёни сурудаҳои устод Қутбӣ Кином метавон ба чандин ғазал рӯ ба рӯ омад, ки дар вазн ва радифу қофияи ғазалҳои Бедил ба қалам омадаанд ва истиқболи шоирро аз муршиди маънавии хеш ба субут мерасонанд.*

***Нуралӣ НУРЗОД,***
***профессор***

▶ ХОТИРА

***Боғи падариамон сердолу дарахт буд. Мавсими гул кардану ҳосилбандӣ. Падарам ба дарахтони қандаку хуҷмирӣ ва гелос бештар аҳамият медоданд...***

# Дарахти хуҷмирии Қутбиддин

Аз моҳияти кору бори он кас бӯе намебурдем. Мувофиқи гуфтаашон амал намуда, бехи ниҳолҳоро нарм карда, навдаю шохҳои бесамарро, ки падар бо услуби бобоӣ аз танаи дарахтон ҷудо месохтанд, як ҷо банд баста ғун мекардем. Захираи зимистон ҳам ба ҳисоб мерафт он...

Вақти гул шуд ва дарахтон муғҷа бастанд. Раҳматии падарам дар ин мавсими баҳорӣ худро тавонмандтар ҳис мекарданд. Бӯи гулу себарга, шилдирроси оби ҷӯ, хониши парандагон, ки он замон намудашон хеле зиёд буд, ба падар қувва мебахшиданду меҳрашонро меафзуд. Медидам, ки ҳамоно ба дарахтони гуфтагиам нигоҳи хос доштанд .

Зимни яке аз суҳбатҳо дар боғ гуфтанд, ки «ана, ҳамин дарахти хуҷмирӣ ҳаққи Қутбиддин (яъне устод Қутбӣ Кином) мебошад».

Афсӯс меҳӯрам аз он ки бо мурури замону вақт он дарахтон пир шуданду аз ҳосил монданд ва ҷояшонро ниҳолони навбар гирифтанд. Мо ҳам калонсол шудему кори падарро идома додем. Барои имрӯзиён 1-2 хуҷмирӣ пайванд кардем. Ва ба ёди амакбачаи азиз, шоири ҳақиқатан мардумӣ Қутбӣ Кином.

...Нақл кунанд, ки чун фурсат даст медоду айёми пухтупаз мерасид, шоир махсус ба зодгоҳ – деҳаи Урметани ноҳияи Айнӣ сафар мекарданд ва ҷои истироҳату фароғаташон таги ҳамин дарахти зардолу будааст...

Акнун ангушти пушаймонӣ мегазем; ақлу ҳуши мо куҷо буд, ки вақти наврасӣ бе баҳра аз суҳбатҳои шоир мондем? Баъдтар насиб гаштанд чунин суҳбату мулоқотҳо, аммо гумонам, он лаҳзаҳо суҳбат лаззати дигаре дошт.

Чун ба боғ медароям, ба ҳамон дарахти хуҷмирӣ менигарам, ки падарам номаш гузошта буданд: «дарахти хуҷмирии Қутбиддин».

Бигзашт бисту ҳашт аз омаду рафти баҳору гул кардани дарахтону мева андохтани дарахти хуҷмирӣ. Ҳар гоҳ ёдҳои ширин маро мебаранд ба рӯзгори пешин, ба олами шоири якрӯю меҳрубони пайвандону дӯстдорони шеъри ноб - шоири тозагӯю ватандӯсти асил Қутбӣ Кином.

... Ҳасрати шоири шодравон Саидалӣ Маъмур ба хотир ояд, ки сонитар ба ҷустуҷӯи устод Қутбӣ, ҳамқалами азизашон, рафтанду ёдашон бо мост.

*Ҳарчанд, ки нест Қутбӣ алъон*
*дар бар,*
*Бар марги ҷаҳонгашта надорам*
*бовар.*
*Як Қутб бикард аз барояш*
*тангӣ,*
*Ӯ раҳ бигирифт ҷониби Қутби*
*дигар.*

***Маъруф ҲИСОМОВ***

## Ҷомаи беқасаб

*Ҷомаи беқасабам, ҳамнасабам,*
*Ҷони ман бе ту наёбад роҳат.*
*Дар раҳи умр туӣ ҳамсафарам,*
*Зистан бе ту надорам одат.*

*Шавкати кӯҳ ба ҳар як раҳи ту,*
*Рӯди шӯхест ба ҳар як нахи ту.*
*Обу оташ ба ҳам омехтааст*
*Тори абрешими гарданшахи ту.*

*Борҳо гашт замона тагурӯ,*
*Кӯҳҳо паст шуду пастӣ кӯҳ.*
*Рафт аз байн дусад одату расм,*
*Мондаӣ лек ту бо фарру шукӯҳ.*

*Ёд дорам ҳадиси ҷанги ҷаҳон,*
*Мурдан аввал буду зистан сонӣ,*
*Тоҷике бурд туро дар тани худ,*
*Ҳамчу як пора Ватан шукронӣ.*

*Нури чашми зани тоҷик ба ту*
*Дод акси Ватанат беармон.*
*Осмон пайрави ҳуснат гашта,*
*Ба сари китф кашад тиру камон.*

*Ҷиҳакат духтаракон медӯзанд,*
*Бо ҳавас бар нияти домоде,*
*Ба тани пиру ҷавон зебоӣ,*
*Ҳамчу рамзи шафақи озодӣ!*

**Қутбӣ КИРОМ**

## Ғам нест

*То кӯҳҳо чу додар*
*Истода дар бари ман,*
*То рӯдҳо чу хоҳар*
*Ҳамболу ҳампари ман,*
*Дар осмони тобон*
*То ҳаст ахтари ман,*
*Ғам нест ҳар ғами ман,*
*Кам нест ҳар ками ман,*
*То чашми бад ба хобу*
*Чашмони нек бедор,*
*То равшан аст роҳам*
*Дар кӯраroҳи дидор,*
*То кеши гулпарастӣ*
*Бар гарданам бувад бор,*
*Ғам нест ҳар ғами ман,*
*Кам нест ҳар ками ман.*
*То одамӣ ба дунё*
*Дасти дароз дорад,*
*Маъшуқа ноз дорад,*
*Ошиқ ниёз дорад,*
*То ҳар бараҳнатабъе*
*Шавқи либос дорад,*
*Ғам нест ҳар ғами ман,*
*Кам нест ҳар ками ман.*

**▶▶ «Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040» қабул гардид.**

*Ҳар чизи хубу зебо камёб аст.*
*Ситсерон*



**БА ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ МАТОЛИБИ БЕҲТАРИН ДАР МАВЗУИ «МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ»**

# Дар ҳифзи табиат бикӯшем

***Имрӯзҳо дар кураи Замин нарасидани оби нӯшокӣ, бемориҳои мухталиф, тағйирёбии иқлим, харобшавии қабати озонӣ, босуръат обшавии пиряххо ва масоили ба ин монандро мушоҳида мекунем ва аз рафтору муносибати бераҳмонаи инсон бо табиат андеша менамоем. Набояд фаромӯш кард, ҳамаи он чизе, ки одамон истифода менамоянд, маҳсулу офаридаи табиат мебошад. Зеро маҳз табиат макони зист ва сарчашмаи қонеъ намудани талаботи организмҳои зинда, ба вижа, инсон мебошад.***

Муносибати нораво ва бераҳмонаи инсон нисбат ба табиат ва надонистану риоя накардани қоидаҳои экологӣ боиси гусастани пайванди ҳамзистӣ ва пайомадҳои ногувор гардидааст. Аз ин рӯ, дар қарни нав экология ва ҳифзи муҳити зист аз масъалаҳои муҳими ҳаёти инсон ба шумор меравад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки ба ифлосшавии муҳит на танҳо корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои хизмати маишӣ, васоити нақлиёт, ки бо хориҷ намудани партовҳои зиёди истеҳсолии ба саломатии инсон ва табиат зарарнок боис мегарданд, балки инсонҳои алоҳида низ сабаб мешаванд. Масалан, партовҳои зиндагиро ба ҳар ҷо мепартоянд, дарахтонро мебуранд, ҷангалзорҳоро нест мекунанд, ҳайвонотро шикор ва ба камшавии саршумори онҳо сабаб мешаванд, гиёҳҳои шифобахшро решакан ва мувозинати табиатро вайрон мекунанд. Бехабар аз он, ки маҳз табиат манбаи таъминоти моддиву маишӣ ва инкишофи ҷомеа мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди маърифати экологии аҳолӣ ва ҳифзи муҳити зист, табиати зебои диёр тадбирҳои мушаххасро андешидааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 дар Паём ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, ки бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат, воридоти нақлиёти барқӣ ба кишвар роҳандозӣ гардад, зимнан олимонро вазифадор намудаанд, ки дар масъалаи роҳу усулҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва пешгирии пайомадҳои манфии он омӯзиш ва таҳқиқотҳоро ба роҳ монанд. Қаблан бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2019, № 482 Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тасдиқ гардидааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси Тарафҳо оид ба тағйирёбии иқлим (COP – 22) дар шаҳри Париж ва ҷаласаи пленарии Иҷлосияи 72-юми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зикр намудаанд, ки Тоҷикистон аз рӯйи кам будани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд, аммо гарчанде ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии хориҷкунии газҳои карбон дар сатҳи глобалӣ кам бошад ҳам, Тоҷикистон дар ҷаҳон яке аз кишварҳои ба тағйирёбии иқлим хеле осебпазир мебошад, ки ин омил барои ноил шудан ба самтҳои афзалиятноки рушд монеа мегардад. Стратегияи мазкур метавонад дар таҳия ва амалӣ намудани сиёсати Тоҷикистон дар соҳаи тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба он мусоидат намояд. Ҳамзамон, дар робита ба тағйирёбии глобалии иқлим, кишвари мо ба мақсади эълон намудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо, ки захираҳои бузурги обро ташкил медиҳанд, барои таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххо саъй карда истодааст.

Силсилаи ташаббусҳои Тоҷикистон дар бобати ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон, дар



сатҳи байналмилалӣ ҳамчун "Раванди оби Душанбе" пазируфта шудааст. Ҳукумати ҷумҳурӣ дар сиёсати саноатикунонӣ стратегияи "Энергияи сабз"-ро ба роҳ мемонад ва ҳадафи рушди иқтисодиёти сабз беҳтар гардондани сатҳи некуаҳволи ҷомеа дар заминаи истифодаи самараноки манбаъҳои табиӣ ва муайян намудани роҳи тараққиёти ба табиат безарар мебошад. Бо мақсади фаро гирифтани аҳли ҷомеа бо донишҳои умумиэкологӣ бошад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ" аз 29 декабри соли 2010 №673 ба тасвиб расидааст, ки он маърифат ва тарбияи экологии аҳолиро дар оила, муассисаҳои томактабӣ, ҳамаи зинаҳои таҳсилот, табақаҳои васеи аҳолӣ, аз ҷумла, дар Қуввaҳои Мусаллаҳ пешниҳод менамояд. Зимнан, падару модаронро низ вазифадор менамояд, ки кӯдаконро дар руҳияи муносибати ғамхорона ва масъулиятшиносӣ нисбат ба муҳити зист тарбия намоянд. Инчунин, аз 3 апрели соли 2021 № 116 "Барномаи давлатии маҷмуии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, ки принсипи асосии он ба ҳуқуқи инсон ба муҳити мусоиди зиндагӣ асос ёфта, фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ бехатар бо мақсади ҳифзи ҳаёт дар кураи замин, наҷот додани инсоният аз офатҳои экологӣ ва ташаккули шахсияти дорои тафаккури навро дар бар мегирад.

Сиёсати ғамхоронаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар самти маърифатнок намудани аҳолӣ ва ҳифзи муҳити зист масъулияти омӯзгоронро афзун менамояд. Аз ҷумла, омӯзгорон ва тамоми кормандони соҳаи маорифи шаҳри Ваҳдат низ ба ҳайси қишри фаъол, тарбиятгар ва машъалбардорони ҷомеа нек дарк менамоянд, ки маҳз ҳифзи табиат ва захираҳои он, солим нигоҳ доштани табиат омили асосии солимии ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, барои тарбия ва маърифати экологии хонандагон ва шаҳрвандон, муносибати эҳтиёткорона ба муҳити зист, риоя намудани меъёрҳои ахлоқӣ дар раванди муносибат бо табиат ва таблиғи ҳадафи экологиро вусъат бахшида, тавассути доир намудани чорабиниҳои мухталифи иттилоотию маърифатӣ, аз қабили озмунҳои ҳикоя, расм, видеоролик ва иншои беҳтарин оид ба аҳамият ва роҳҳои ҳифзи муҳити зист, ташкили лагерҳои экологӣ ва доир намудани мониторинги маърифати экологӣ дар соли таҳсил ва баҳодиҳии ҳолати муҳити зист мусоидат менамоянд. Дар ҳақиқат, ташкили тарбияи самараноки экологии шаҳрвандон имконият фароҳам меоварад, ки инсон муҳити зист ва биосфераро ҳимоя кунад, тоза нигоҳ дорад, онро афзун гардонад ва худ дар он сиҳату саломат умр ба сар барад, муҳити аз ҷиҳати экологӣ тозаро ба наслҳои оянда боқӣ гузорад. Дар ин радиф дар якҷоягӣ тамоми қишрҳои ҷомеаро зарур аст, ки амалиёти назоратӣ ҷиҳати ба тартиб даровардани партовҳо, чорабиниҳо оид ба пешгирӣ намудани ихроҷи моддаҳои зараровар ба ҳавои атмосфера, муайян намудани ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, мавсими ниҳолшинонӣ сахмгузорӣ намуда, дар маҷмуъ, назорати давлатӣ дар самти ҳифзи замин ва захираҳои об, истифода ва ҳифзи ҳавои атмосфера, ҳифзи олами набототу ҳайвонот тақвият бахшида шавад.

***СОҲИБЗОДА Ҳабиба Сулаймон,***
***омӯзгори таърих ва ҳуқуқи литсейи ба номи Темур Собирови шаҳри Ваҳдат***

**АНДЕША**

# Аҳамияти тарбиявии осори бадеӣ

Тоҷикон миёни халқу миллатҳои сершумори олам аз ҷумлаи мардумони соҳибтамаддун мебошанд. Шеърҳои оламгири устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ҳаким Саноӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва садҳо шоиру адиби гузаштаро имрӯз низ озодона мефаҳманд ва дар гуфтугӯи ҳаррӯза истифода мебаранд. Бо ин забони фасеҳу шоирона ҳазорҳо китоби гаронмоя, шоҳасарҳои мондагори илмӣ таълиф гардидаанд.

Мақсад аз муқаддимаи боло ин аст, ки мо, тоҷикон, ки имрӯз дар марҳалаи навини давлатдории худ қарор дорем ва пойдевори давлати худро бар андешаҳое, аз қабили «ваҳдати миллӣ», «ифтихори ватандорӣ», «ҳувияти миллӣ», «истиқлолияти давлатӣ», «таъриху фарҳанги оламшумул» ва ғайра мустаҳкам менамоем.

Дар миёни мероси гузаштагони мо, чи наср ва чи назм афкори ватанпарастӣ, миллатпарастӣ ва истиқлолталабиву озодихоҳӣ мавқеи калон дорад, ки имрӯз аз онҳо барои устувории давлати соҳибистиқлол ва ташаккули тафаккуру ормонҳои миллӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Осори назмию насрии адабиёти тоҷик таҷассумгари мавзуъҳои муқаддасу ҷовидонии адабиёти тоҷик, аз қабили инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ, меҳру садоқат ба Ватан, дӯстии халқҳо, таблиғи расму суннатҳои қадим мебошанд.

Вақте аз осори устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ сар карда, то адибони муосир мурур мекунем, қудрати сухан, эъҷози каломи баландпарвоз, ки ба дили инсон қувват ва руҳи тоза мебахшад, равшан маълум мегардад.

Асари ҳақиқӣ завқи хонандаро такомул бахшида, барои ташаккули тафаккури ахлоқию зебоипарастӣ ва умуман, тарзи зиндагии ӯ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Таъсири шеъри сода, вале устодонаю руҳнавоз ва ҳаяҷонбахши «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме» ба Амир Насри Сомонӣ намунаи эҷоди сеҳрофарини сухани бадеъ мебошад.

Ҳамин ашъори боқимонда нишонаи он аст, ки ӯ шоири тавоно ва забардаст, сарояндаи ахлоқи неки инсонӣ, тарғибгари илму дониш ва эҳсоси ватандӯстӣ будааст.

Дар адабиёти муосири тоҷик асарҳои устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Миршакар, Деҳотӣ, баъдан устод Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Ғаффор Мирзо, Лоиқ, Бозор Собир, Гулрухсор, Камол Насрулло, Низом Қосим, Фарзона, Ҳақназар Ғоиб, Абдумалик Баҳорӣ, Урун Кӯҳзод, Сорбон, Абдулҳамид Самадов ва дигарон ба бедории миллат ва созандагиву ободии Ватан нигаронида шудаанд.

***Ҳадиса ХИДИРОВА,***
***омӯзгори МТМУ № 13 ба номи Амиршо Самадови шаҳри Кӯлоб***

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи А №005214, ки онро соли 1992 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Муминова Мастура Абдурашидовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №954809 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1979 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Хамидова Нозукой Ятимовна додааст, эътибор надорад.

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*


**ОМӮЗГОР**

Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири ҷандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ухда нагирад. *Навбатдори шумора Н. ОХУНЗОДА*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 37160 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.